# Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) 1
# *“Татбиқи аввалини Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ”*

## Мақсад

1 Мақсади Стандарти мазкур аз таъмин намудани натиҷае иборат мебошад, ки *аввалин ҳисоботи молиявии тибқи СБҲМ* тартибдодаи корхона ва ҳисоботи молиявии фосилавии он барои қисмати даврае, ки ҳисоботи молиявии мазкур фаро мегирад, маълумоти баландсифатро дар бар гирад, ки:

(а) барои истифодабаранда шаффоф бошад ва тибқи ҳар як давраи пешниҳодшуда муқоисашаванда маҳсуб ёбад;

(б) ҷиҳати пешбурди баҳисобгирӣ тибқи *Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ)* нуктаҳои асосӣ ва зарурӣро дар бар гирад;

(в) метавонад бо хароҷоте тартиб дода шавад, ки аз фоидаи гирифтаи он зиёд набошад.

## Доираи татбиқ

2 Корхона бояд Стандарти мазкури СБҲМ-ро ҳангоми тартиб додани инҳо татбиқ намояд:

(а) ҳисоботи молиявии аввалини худ тибқи СБҲМ;

(б) ҳар як ҳисоботи молиявии фосилавӣ, агар чунин ҳисобот тартиб дода шавад, онро тибқи СББМ 34 *«Ҳисоботи молиявии фосилавӣ»* барои он қисмати даврае, ки аввалин ҳисоботи молиявии корхонаро тибқи СБҲМ дар бар мегирад, пешниҳод менамояд.

3 Аввалин ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ барои корхона ҳисоботи молиявии аввалини солонаи он ба ҳисоб меравад, ки дар робита ба таҳияи он корхона Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявиро қабул карда, онро тавассути изҳороти возеҳ ва якхелаи мутобиқ ба СБҲМ, бо ворид намудан ба ҳисоботи молиявии дахлдор, тасдиқ менамояд. Ҳисоботи молиявие, ки тибқи СБҲМ таҳия шудааст, аввалин ҳисоботи молиявии корхона тибқи СБҲМ ба ҳисоб меравад, агар корхона, масалан:

(а) ҳисоботи молиявии худро барои давраи охирини қаблӣ пешниҳод карда бошад:

- (i) бо риояи қоидаҳои миллӣ, ки на дар ҳама ҳолат бо СБҲМ мувофиқат менамояд;
- (ii) дар ҳама ҳолат ба СБҲМ мувофиқат менамояд, ба истиснои ҳолате, ки ҳисоботи молиявии мазкур дорои изҳороти возеҳ ва якхелаи мутобиқат ба СБҲМ набошад;
- (iii) дорои изҳороти возеҳ ва якхела буда, он ба баъзе СБҲМ, вале на ба ҳамаи СБҲМ-ҳо мувофиқат менамояд;
- (iv) тибқи қоидаҳои миллӣ, ки ба СБҲМ-ҳо мувофиқат намекунанд, вале баъзе СБҲМ-ҳои интихобшударо барои баҳисобгирии моддаҳое истифода мебаранд, ки дар низоми миллии талабот аз рӯйи онҳо танзим вуҷуд надорад;
- (v) мувофиқи талаботи низоми миллӣ, бо ворид намудани муқоисаи баъзе маблағ бо маблағи тибқи СБҲМ муқарраршуда;

(б) ҳисоботи молиявиро тибқи СБҲМ таҳия кардааст, вале танҳо барои истифодаи дохилӣ бидуни дастрас намудани он ба соҳибмулкон ё истифодабарандагони беруна;

(в) маҷмуи ҳисоботи молиявиро тибқи СБҲМ бо ҳадафҳои маҷмуикунонӣ (консолидатсионӣ) таҳия кардааст, вале бидуни таҳияи маҷмуи пурраи ҳисоботи молиявӣ, чӣ тавре, ки ин истилоҳ дар СББМ 1 *«Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ»* муқаррар шудааст (соли 2007 аз нав дида баромада шудааст);

(г) ҳисоботи молиявиро барои давраҳои қаблӣ пешниҳод накардааст.

4 Стандарти мазкури СБҲМ дар он маврид татбиқ мешавад, ки корхона бори аввал СБҲМ-ро қабул менамояд. Он дар ин маврид татбиқ намегардад, ҳангоме, ки корхона, масалан:

(а) пешниҳоди ҳисоботи молиявиро, ки ба талаботи низоми миллӣ мувофиқ мебошад қатъ менамояд, ҳангоме, ки корхона қаблан ин гуна ҳисоботро ҳамроҳ бо маҷмуи дигари ҳисоботи молиявӣ, ки изҳороти возеҳ ва якхелаи мутобиқаткунанда ба СБҲМ-ро дар бар мегирифт, пешниҳод менамуд;

(б) дар соли гузашта ҳисоботи молиявии мувофиқ ба талаботи низоми миллиро пешниҳод намудааст, ки дар ин ҳисоботи молиявӣ изҳороти возеҳу равшан вобаста ба мутобиқат ба СБҲМ ҷой дорад;

(в) дар соли гузашта ҳисоботи молиявиро пешниҳод намудааст, ки дар он изҳороти возеҳу равшан вобаста ба мутобиқат ба СБҲМ ҷой дорад, ҳатто агар хулосаи аудиторӣ нисбати ҳисоботи молиявӣ истисноро дар бар гирифта бошад.

4А Новобаста аз талаботи бандҳои 2 ва 3, корхонае, ки СБҲМ-ро дар яке аз давраҳои ҳисоботи қаблӣ татбиқ намудааст, вале дар маҷмуи охирини ҳисоботи молиявии солонаи он изҳороти возеҳ ва якхела тибқи СБҲМ мавҷуд набудааст, ё бояд ин СБҲМ-ро татбиқ намояд ё ба он зарур аст, ки Стандарти мазкурро ба таври гузаштанигарӣ тибқи СББМ 8 *«Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо»* истифода намояд, ба тавре, агар корхонаи мазкур дар татбиқи СБҲМ ба танаффус роҳ надода бошад.

4Б Корхонае, ки қарор менамояд Стандарти мазкурро тибқи банди 4А истифода набарад, новобаста аз он бояд талаботи марбут ба ифшои маълумотро, ки дар бандҳои 23А-23В-и СБҲМ 1 тавсиф шудааст, илова ба талаботи дар СББМ 8 вобаста ба ифшои иттилоот пешбинишуда, татбиқ намояд.

5 Стандарти мазкур нисбат ба тағйироти ба сиёсати баҳисобгирӣ воридгардидаи корхонае, ки алакай СБҲМ-ро татбиқ намудааст, мавриди татбиқ қарор дода намешавад. Чунин тағйирот омили мавзуи зерин маҳсуб меёбад:

(а) талаботи СББМ 8 *«Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо»* нисбат ба тағйирот дар сиёсати баҳисобгирӣ;

(б) муқаррароти махсуси интиқолӣ, ки аз ҷониби дигар СБҲМ-ҳо пешбинӣ шудааст.

## Эътироф ва арзёбӣ

### Ҳисоботи ифтитоҳӣ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ

6 Корхона бояд ҳисоботи *ифтитоҳиро дар бораи ҳолати молиявӣ* тибқи *СБҲМ дар санаи гузариш ба СБҲМ* таҳия ва пешниҳод намояд. Ба ин васила нуктаи ибтидоиро барои пешбурди баҳисобгирӣ тибқи СБҲМ фароҳам оварад.

### Сиёсати баҳисобгирӣ

**7. Корхона бояд, ҳам ҳангоми таҳияи ҳисоботи ифтитоҳии худ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ ва ҳам барои давраҳое, ки дар аввалин ҳисоботи молиявии корхона тибқи СБҲМ пешниҳод шудаанд, ҳамон як сиёсати баҳисобгириро истифода намояд. Муқаррароти сиёсати баҳисобгирии корхона бояд ба талаботи ҳар як СБҲМ, ки то охири *давраи ҳисоботи аввалини он тибқи СБҲМ* амал менамояд, мувофиқ бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар бандҳои 13-19 ва замимаҳои Б-Г нишон дода шудаанд.**

8 Корхона ҳуқуқ надорад дигар намунаҳои СБҲМ-ро, ки пештар амал менамуданд, татбиқ намояд. Корхона метавонад СБҲМ-и навро қабул намояд, ки ҳанӯз хусусияти ҳатмӣ надорад, агар ин СБҲМ татбиқи пеш аз муҳлатро иҷозат диҳад.

**Масалан: Истифодаи пайдарҳами намунаи охирини СБҲМ**

**Маълумоти аввалин**

Санаи ба охир расидани давраи ҳисоботи корхонаи А тибқи СБҲМ 31 декабри соли 20X5 мебошад. Корхонаи А қарор қабул менамояд, ки маълумоти муқоисавии ҳисоботи молиявӣ танҳо барои як сол пешниҳод карда шавад (ба банди 21 нигаред). Аз ин рӯ, санаи гузариши корхонаи мазкур ба СБҲМ оғози санаи кории 1 январи соли 20X4 (ё ҳамон анҷоми санаи кории 31 декабри соли 20X3) ба ҳисоб меравад. Корхонаи А дар доираи *ПУБМ-и* қаблан истифодашуда, ҳамасола ҳисоботи молиявии худро ба ҳолати аз 31 декабри ҳар сол, иловатан то 31 декабри соли 20X4 пешниҳод менамояд.

**Татбиқи талабот**

Корхонаи А бояд СБҲМ-ҳои амалкунандаро нисбат ба давраҳое, ки ба санаи 31 декабри соли 20X5 анҷом меёбанд, татбиқ намояд:

| **Масалан: Истифодаи пайдарҳами намунаи охирини СБҲМ** | |
|---|---|
| (а) | ҳангоми таҳия ва пешниҳод намудани ҳисоботи ифтитоҳӣ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ то 1 январи соли 20X4; |
| (б) | ҳангоми таҳия ва пешниҳоди ҳисобот дар бораи ҳолати молиявии худ ба санаи 31 декабри соли 20X5 (аз ҷумла, маблағи муқоисавӣ барои соли 20X4), ҳисобот дар бораи маҷмуи даромад , ҳисобот дар бораи тағйирот дар сармояи хусусӣ ва ҳисобот дар бораи гардиши воситаҳои пулӣ дар давоми сол, ки ба санаи 31 декабри соли 20X5 анҷом меёбад (аз ҷумла, маблағи муқоисавӣ барои соли 20X4) ва ифшои маълумоти зарурӣ (аз ҷумла, маълумоти муқоисавӣ барои соли 20X4). |
| Агар СБҲМ-и нав ҳанӯз ҳатмӣ намебошад, аммо татбиқи пеш аз мухлат иҷозат дода шуда бошад, пас корхонаи А ҳуқуқ дорад, аммо уҳдадор намебошад, ки Стандарти мазкурро дар аввалин ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ қабул намояд. | |

9 Муқаррароти интиқолӣ, ки тавассути дигар СБҲМ-ҳо пешбинӣ шудааст, дар он маврид татбиқ карда мешавад, ки ба сиёсати баҳисобгирии корхонаи аллакай СБҲМ-ро татбиққунанда тағйирот ворид мегардад; он нисбат ба тағйироте, ки аз ҷониби корхонаи *бори аввал татбиққунандаи* СБҲМ ҳангоми гузариш ба СБҲМ анҷом мепазирад, паҳн намегардад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар замимаҳои Б-Ғ тавсиф шудаанд.

10 Ба истиснои ҳолатҳое, ки дар бандҳои 13-19 ва замимаҳои Б-Ғ тавсиф шудаанд, корхона бояд дар ҳисоботи ифтитоҳии худ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ:

(а) ҳамаи дороиҳо ва уҳдадориҳоро эътироф намояд, ки эътирофи онҳо аз ҷониби СБҲМ талаб карда мешавад;

(б) моддаҳоро ҳамчун дороӣ ё уҳдадорӣ эътироф накунад, агар СБҲМ чунин эътирофро иҷозат надиҳад;

(в) моддаҳоеро, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда ҳамчун як намуди дороӣ, уҳдадорӣ ё ҷузъи сармояи хусусӣ эътироф шуда, вале тибқи СБҲМ навъи дигари дороӣ, уҳдадорӣ ё ҷузъи сармояи хусусӣ мебошанд, аз нав гурӯҳбандӣ намояд;

(г) СБҲМ-ро ҳангоми арзёбии ҳама дороиҳо ва уҳдадориҳои эътирофшуда татбиқ намояд.

11 Сиёсати баҳисобгирӣ, ки корхона ҳангоми таҳияи ҳисоботи ифтитоҳии худ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ истифода мебарад, метавонад аз сиёсати баҳисобгирии он дар ҳамон санаи дар доираи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда фарқ намояд. Тасҳеҳоти бар асари ин бавуҷудомада ба рӯйдод ва амалиёте дахл доранд, ки то санаи гузариш ба СБҲМ рух додаанд. Бинобар ин, корхона бояд ин тасҳеҳотро бевосита дар таркиби фоидаи тақсимнашуда (ё агар қобили қабул бошад, дар дигар гурӯҳи сармояи хусусӣ) дар санаи гузариш ба СБҲМ эътироф намояд.

12 Стандарти мазкур ду гурӯҳи истисноро аз принсипҳои мувофиқати ҳатмии ҳисоботи ифтитоҳӣ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ барои ҳар як СБҲМ муқаррар менамояд:

(а) бандҳои 14-17 ва Замимаи Б татбиқи баъзе ҷанбаҳои дигар СБҲМ-ро ба таври гузаштанигарӣ манъ менамоянд;

(б) Замимаҳои В-Ғ аз баъзе талаботи дигар СБҲМ-ҳо озод менамоянд.

## Истисноҳои бо татбиқи дигар СБҲМ-ҳо ба таври гузаштанигарӣ алоқаманд

13 Стандарти мазкур татбиқи баъзе ҷанбаҳои СБҲМ-ҳои дигарро ба таври гузаштанигарӣ манъ менамояд. Ин истисноҳо дар бандҳои 14-17 ва Замимаи Б оварда шудаанд.

### Арзёбиҳои ҳисоббаробарӣ

**14 Арзёбиҳои ҳисоббаробарӣ, ки корхона тибқи СБҲМ дар санаи гузариш ба СБҲМ анҷом медиҳад, бояд бо арзёбиҳои ҳисоббаробарии дар ҳамон санаи тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда мувофиқ бошад (пас аз тасҳеҳот барои инъикоси фарқияти байни муқаррароти як сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар сиёсати баҳисобгирӣ), ба истиснои ҳолатҳое, ки далелҳои объективӣ дар ин бора вуҷуд доранд, арзёбиҳои ҳисоббаробарии зикршуда дорои иштибоҳ буданд.**

15 Корхона метавонад пас аз санаи гузариш ба СБҲМ маълумотеро ба даст орад, ки бо арзёбии ҳисоббаробарии дар доираи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда алоқаманд мебошад. Мувофиқи банди 14 корхона уҳдадор мебошад ба даст овардани ин маълумотро ҳамон тавре инъикос кунад, ки он рӯйдодҳои тасҳеҳнашавандаро пас аз давраи ҳисоботӣ тибқи СББМ 10 *«Рӯйдодҳои пас аз давраи ҳисоботӣ»* инъикос менамояд. Масалан, фарз карда шавад, ки санаи гузариш ба СБҲМ 1 январи соли 20X4 мебошад ва иттилооти наве, ки 15 июли соли 20X4 гирифта шудааст, талаб менамояд, ки аз нав дида баромадани арзёбии ҳисоббаробарӣ ба санаи 31 декабри соли 20X3 тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда аз ҷониби корхона анҷом дода шавад. Корхона набояд ин иттилооти навро дар ҳисоботи ифтитоҳии худ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ инъикос намояд (ба истиснои мавриде, ки арзёбиҳои ҳисоббаробарӣ ҷиҳати фарқият дар муқарраротии ин ё он сиёсати баҳисобгирӣ ба тасҳеҳ ниёз дошта бошанд ё далели объективӣ вуҷуд дошта бошад, ки арзёбиҳои ҳисоббаробарӣ саҳеҳ намебошанд). Бар ивази ин, корхона бояд маълумоти нави зикршударо ҳангоми ҳисоббаробарии фоида ё зарар (ё дигар маҷмуи даромад, агар мувофиқ бошад) барои соле, ки ба санаи 31 декабри соли 20X4 анҷом мепазирад, инъикос намояд.

16 Корхонаро шояд зарур ояд, ки тибқи СБҲМ арзёбиҳои ҳисоббаробариро ба санаи гузариш ба СБҲМ, ки дар он сана тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда талаб карда нашудаанд, анҷом диҳад. Барои дастрасӣ ҷиҳати мувофиқат бо талаботи СББМ 10 ин арзёбиҳои ҳисоббаробарӣ тибқи СБҲМ бояд шартҳоеро инъикос кунанд, ки дар санаи гузариш ба СБҲМ вуҷуд доштанд. Аз ҷумла, арзёбиҳои ҳисоббаробарии нархҳои бозорӣ, меъёрҳои фоиз ё қурби асъор дар санаи гузариш ба СБҲМ бояд ҳолати бозорро дар он сана инъикос намоянд.

17 Ҳангоми таҳияи ҳисоботи ифтитоҳӣ дар бораи ҳолати молиявӣ бандҳои 14-16 тибқи СБҲМ татбиқ карда мешаванд. Онҳо инчунин ба давраи муқоисавӣ, ки корхона дар ҳисоботи молиявии аввалини худ тибқи СБҲМ пешниҳод намудааст, паҳн мегарданд ва дар ин ҳолат истинодҳо ба санаи гузариш ба СБҲМ бо истинодҳо ба охири ҳамин давраи муқоисавӣ иваз карда мешаванд.

### Озод будан (озодкунӣ) аз талаботи дигар СБҲМ-ҳо

18 Корхона ҳуқуқ дорад, ки барои истифодаи як ё якчанд озодкунии дар замимаҳои В-Ғ пешбинишуда қарор қабул намояд. Корхона наметавонад ин озодкуниҳоро дар муқоиса бо моддаҳои дигар татбиқ намояд.

19 [Соқит шудааст]

## Пешниҳод ва ифшои маълумот

20 Стандарти мазкур озодкунӣ аз талаботи СБҲМ-ҳои дигарро вобаста ба пешниҳод ва ифшои маълумот пешбинӣ намекунад.

### Маълумоти муқоисавӣ

21 Ҳисоботи молиявии аввалини тибқи СБҲМ таҳиянамудаи корхона бояд ҳадди ақалл се ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ, ду ҳисобот дар бораи фоида ё зарар ва дигар маҷмуи даромад, ду ҳисоботи алоҳида дар бораи фоида ё зарар (агар чунин ҳисобот пешниҳод карда шавад), ду ҳисобот дар бораи гардиши воситаҳои пулӣ, ду ҳисобот дар бораи тағйирот дар сармояи хусусӣ ва тавзеҳоти дахлдор, аз ҷумла, маълумоти муқоисавиро вобаста ба ҳама ҳисоботи пешниҳодшуда дар бар гирад.

#### Маълумоти муқоисавие, ки талаботи СБҲМ-ро қонеъ намекунад ва маълумоти ҷамъбастӣ барои давраҳои гузашта

22 Баъзе корхонаҳо маълумоти умумии таърихиро барои давраҳои гузашта аз давраи аввал пешниҳод карда, нисбати ин давра маълумоти пурраи муқоисавиро тибқи СБҲМ пешниҳод менамоянд. Стандарти мазкур талаб намекунад, ки чунин маълумоти умумӣ, ҷиҳати эътироф ва арзёбӣ, ба талаботи СБҲМ мувофиқат намояд. Ба ғайр аз ин, баъзе корхонаҳо маълумоти муқоисавиро, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда таҳия гардидааст, дар баробари маълумоти муқоисавӣ, ки СББМ 1 талаб менамояд, пешниҳод менамоянд. Дар ҳама гуна ҳисоботи молиявӣ, ки дорои маълумоти умумии давраҳои гузашта мебошад ва маълумоти муқоисавӣ, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда таҳия гардидааст, корхона бояд:

(a) маълумотеро, ки тибқи СБҲМ таҳия нашудааст, ба таври возеҳ ифода намояд;

 © Фонди СБҲМ

(б) хусусияти тасҳеҳоти асосиро, ки барои мувофиқ намудани он ба СБҲМ зарур мебошад, ифшо намояд. Барои корхона зарур нест, ки арзёбии миқдории чунин тасҳеҳотро гузаронад.

## Тавзеҳоти бо гузариш ба СБҲМ алоқаманд

23 **Корхона бояд тавзеҳот диҳад, ки гузариш аз ПУБМ-и қаблан татбиқшуда ба СБҲМ чӣ гуна ба нишондиҳандаҳои ҳисоботии ҳолати молиявӣ, натиҷаҳои молиявии фаъолият ва гардиши воситаҳои пулии он таъсир расонидааст.**

23А Корхонае, ки СБҲМ-ро ҳанӯз дар яке аз давраҳои қаблӣ татбиқ кардааст, чӣ тавре, ки дар банди 4А тавсиф шудааст, бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) сабаби қатъ гардидани татбиқи СБҲМ аз ҷониби корхона;

(б) сабабе, ки тибқи он корхона татбиқи СБҲМ-ро барқарор менамояд.

23Б Агар корхонае, ки бо истифода аз дастури банди 4А қарор қабул намояд, ки СБҲМ 1-ро татбиқ намекунад, он корхона бояд сабабҳои татбиқи СБҲМ-ро тавре шарҳ диҳад, ки умуман ҳеҷ гоҳ татбиқи онҳоро қатъ накардааст.

### Муқоиса

24 Тибқи банди 23, корхона бояд ба ҳисоботи молиявии аввалини худ мутобиқ ба СБҲМ инҳоро дохил намояд:

(а) муқоисаи нишондиҳандаҳои ҳисоботии сармояи хусусӣ тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда бо нишондиҳандаҳои сармояи хусусӣ тибқи СБҲМ дар ҳарду санаи зерин:

(i) санаи гузариш ба СБҲМ;

(ii) санаи анҷоми давраи интиҳои дар ҳисоботи охирини молиявии солонаи корхона нишондодашуда, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда таҳия шудааст;

(б) муқоиса бо нишондиҳандаи даромади умумии маҷмуии СБҲМ барои давраи охирини ҳисоботи молиявии охирини солонаи корхона. Нуктаи ибтидоии чунин мувофиқа бояд нишондиҳандаи даромади умумии маҷмуӣ бошад, ки мувофиқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда барои ҳамон давра ҳисоб карда шудааст ё агар корхона чунин маблағро нишон надода бошад, нишондиҳандаи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда вобаста ба фоида ё зарар;

(в) вобаста ба ҳолат, ки корхона бори аввал эътироф ё барқароршавии ҳама гуна зарар аз беқурбшавиро ҳангоми таҳияи ҳисоботи ифтитоҳии худ тибқи СБҲМ дар бораи ҳолати молиявӣ анҷом медиҳад, ифшое, ки тибқи СББМ 36 *«Беқурбшавии дороиҳо»* талаб карда мешавад, ба он дохил карда мешавад, агар корхона чунин зарар аз беқурбшавӣ ё бақароршавии маблағи марбут ба онро, дар даврае, ки аз санаи гузариши он ба СБҲМ оғоз мешавад, эътироф намояд.

25 Муқоисаҳое, ки бандҳои 24(а) ва (б) талаб менамоянд, бояд ба таври кофӣ муфассал бошанд, то ба истифодабарандагон имкон диҳанд, ки тасҳеҳоти муҳими нишондиҳандаҳоро дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ва ҳисобот дар бораи маҷмуи даромад дарк кунанд. Агар корхона ҳисобот дар бораи гардиши воситаҳои пулиро тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшудаи худ пешниҳод карда бошад, он инчунин бояд тасҳеҳоти назарраси нишондиҳандаҳои ҳисобот дар бораи гардиши воситаҳои пулиро шарҳ диҳад.

26 Агар корхона дар бораи хатоҳое, ки дар доираи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда содир шудаанд, огоҳ шавад, пас дар муқоисаҳое, ки бандҳои 24(а) ва (б) талаб менамоянд, корхона бояд маълумотеро маҳдуд намояд, ки ба тасҳеҳи чунин хатоҳо дахл дорад ва маълумотеро, ки ба тағйирот дар сиёсати баҳисобгирӣ марбут мебошанд.

27 СББМ 8 нисбат ба тағйирот дар сиёсати баҳисобгирӣ, ки корхона ҳангоми қабули СБҲМ анҷом медиҳад ё нисбат ба тағйирот дар он сиёсатҳои баҳисобгирӣ, ки пеш аз пешниҳоди аввалин ҳисоботи молиявии корхона тибқи СБҲМ амалӣ карда мешаванд, татбиқ намегардад. Аз ин рӯ, талаботи СББМ 8 вобаста ба тағйирот дар сиёсати баҳисобгирӣ ҳангоми аз ҷониби корхона таҳия намудани аввалин ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ татбиқ намегардад.

27А Агар дар давоми давраи фарогири аввалин ҳисоботи молиявии корхона тибқи СБҲМ он сиёсати баҳисобгирии худро тағйир диҳад ё қарорҳои худро дар робита ба истифодаи озодкуниҳо, ки Стандарти мазкур пешбинӣ кардааст, тағйир диҳад, пас корхона бояд тағйиротеро, ки дар ҳисоботи молиявии аввалини он тибқи СБҲМ дар муқоиса бо ҳисоботи молиявии аввалини фосилавии худ

тибқи СБҲМ дар мувофиқат бо банди 23 рӯй додаанд, шарҳ дода, муқоисаҳоеро, ки бандҳои 24(а) ва (б) талаб менамоянд, бояд таҷдид намояд.

28 Агар корхона ҳисоботи молиявиро барои давраҳои қаблӣ пешниҳод накарда бошад, ин далел бояд дар ҳисоботи молиявии аввалини он тибқи СБҲМ ифшо гардад.

### Гурӯҳбандии дороиҳои молиявӣ ё ухдадориҳои молиявӣ тибқи салоҳдиди корхона

29 Корхона ҳуқуқ дорад тибқи салоҳдиди худ дороии молиявӣ ё уҳдадории молиявии қаблан эътирофнамудаи худро ҳамчун дороии молиявӣ ё уҳдадории молиявии бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарари арзёбигардида ва дороии молиявии ҳамчун барои фурӯш таъиншударо тибқи банди Г19 гурӯҳбандӣ намояд. Корхона бояд арзиши одилонаи дороиҳои молиявӣ ё уҳдадориҳои молиявиеро, ки тибқи салоҳдиди корхона ба ҳар як гурӯҳ ба чунин сана гурӯҳбандӣ шудаанд, инчунин гурӯҳбандии пешина ва арзиши тавозунии онҳоро дар ҳисоботи молиявии қаблӣ ифшо намояд.

Корхона ҳуқуқ дорад, ки тибқи салоҳияти худ уҳдадории молиявии қаблан эътирофшударо бо роҳи арзёбӣ аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар, тибқи банди Г19 гурӯҳбандӣ намояд. Корхона бояд арзиши одилонаи уҳдадориҳои молиявиеро, ки ба ҳамон сана гурӯҳбандӣ намудааст, инчунин гурӯҳбандӣ ва арзиши тавозунӣ дар ҳисоботи молиявии қаблиро ифшо намояд.

### Истифодаи арзиши одилона ба сифати арзиши аввалияи шартӣ

30 Агар корхона арзиши одилонаро ҳамчун арзиши аввалияи шартии объекти воситаҳои асосӣ, амволи сармоягузорӣ ё дороии ғайримоддӣ дар ҳисоботи ифтитоҳии худ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ истифода намояд (ба бандҳои Г5 ва Г7 нигаред), пас он дар ҳисоботи молиявии аввалини худ тибқи СБҲМ бояд нисбат ба ҳар як банди алоҳидаи ҳисоботи ифтитоҳӣ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ инҳоро ифшо намояд:

(а) бузургии маҷмуи ин арзишҳои одилона;

(б) тасҳеҳоти маҷмуии бузургии арзиши тавозунӣ, ки дар ҳисоботи молиявӣ тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда нишон дода шудааст.

### Истифодаи арзиши аввалияи шартӣ нисбат ба сармоягузорӣ дар корхонаҳои фаръӣ, корхонаҳои муштарак ва иттиҳодияҳо

31 Ҳамин тавр, агар корхона дар ҳисоботи ифтитоҳии худ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ арзиши аввалияи шартиро барои сармоягузорӣ ба корхонаи фаръӣ, корхонаи муштарак ё иттиҳодия, ки дар дар ҳисоботи молиявии алоҳидаи он инъикос мегардад, истифода намояд (ба банди Г15 нигаред), ҳисоботи молиявии аввалияи алоҳидаи корхона тибқи СБҲМ бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) арзиши аввалияи шартии маҷмуии он сармоягузориҳоро, ки барои онҳо арзиши аввалияи шартӣ арзиши тавозунии қаблии онҳо тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда мебошад;

(б) арзиши аввалияи шартии маҷмуии он сармоягузориҳорое, ки барои онҳо арзиши аввалияи шартӣ арзиши одилона маҳсуб меёбад;

(в) тасҳеҳоти маҷмуии бузургиҳои арзиши тавозунӣ, ки дар ҳисоботи молиявӣ тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда нишон дода шудааст.

### Истифодаи арзиши аввалияи шартӣ нисбат ба дороиҳои марбут ба нафту газ

31А Агар корхона озодкунии дар банди Г8А(б)-ро барои дороиҳои марбут ба нафту газ истифода намояд, он бояд ин далел ва маълумотро дар ин бора ошкор намояд, ки дар кадом асос тақсимоти арзишҳои тавозунӣ, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда муайян гардидааст, ба роҳ монда шудааст.

### Истифодаи арзиши аввалияи шартӣ нисбат ба фаъолияти марбут ба танзими тарофавӣ

31Б Агар корхона озодкуниро дар банди Г8Б барои фаъолияти марбут ба танзими тарофавӣ истифода намояд, корхона бояд ин далел ва инчунин асоси муайян намудани арзишҳои тавозуниро дар доираи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда ифшо намояд.

### Истифодаи арзиши аввалияи шартӣ баъд аз таварруми шадид

31В Агар дар натиҷаи таварруми шадид (ба бандҳои Г26-Г30 нигаред) корхона қарор қабул намояд, ки дороиҳо ва уҳдадориҳоро бо арзиши одилона арзёбӣ намояд ва арзиши одилонаи зикршударо дар ҳисоботи ифтитоҳии худ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ ба сифати арзиши аввалияи шартӣ истифода намояд, пас корхона дар ҳисоботи молиявии аввалини худ тибқи СБҲМ бояд маълумоти тавзеҳотиро дар ин бора ифшо намояд, ки чӣ тавр ва чаро асъори амалкунандаи он асъор буд ва баъдан асъор буданро қатъ намуд, ҳарду хусусиятҳои зеринро доранд:

(а) барои ҳамаи корхонаҳо, ки дорои амалиёт ва бақия бо ин асъор мебошанд, шохиси боэътимоди умумии нарх вуҷуд надорад;

(б) набудани имконияти мубодила байни ин асъор ва асъори нисбатан устувори хориҷӣ.

### Ҳисоботи молиявии фосилавӣ

32 Агар корхона тибқи СББМ 34 ҳисоботи молиявии фосилавиро барои қисмати давраи фарогири аввалин ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ пешниҳод намояд, корхона бояд ба ғайр аз талаботи СББМ 34 талаботи дар зер овардашударо низ қонеъ гардонад, то иҷроиши банди 23-ро таъмин намояд:

(а) ҳар як чунин ҳисоботи молиявии фосилавӣ бояд дар бар гирад (агар корхона ҳисоботи молиявии фосилавиро барои давраи муқоисашавандаи фосилавии соли молиявии бевосита пешина пешниҳод намояд):

(i) муқоисаи нишондиҳандаи сармояи хусусии он, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда дар интиҳои ҳамин давраи фосилавии муқоисашаванда муқаррар шудааст, бо нишондиҳандаи сармояи хусусии он, ки тибқи СБҲМ дар ин сана арзёбӣ карда шудааст;

(ii) муқоиса бо нишондиҳандаи даромади умумии маҷмуии он, ки тибқи СБҲМ дар давраи фосилавии муқоисашаванда (давраи ҷорӣ ва давра аз оғози сол) муқаррар шудааст. Нуқтаи ибтидоӣ барои ин муқоисасозӣ нишондиҳандаи даромади умумии маҷмуӣ маҳсуб меёбад, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда барои ин давра муайян гардидааст ё агар корхона чунин нишондиҳанда пешниҳод накарда бошад, нишондиҳандаи фоида ё зарар тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда.

(б) Илова ба муқоисаҳои талабнамудаи зербанди (а) аввалин ҳисоботи молиявии корхона, ки тибқи СББМ 34 барои қисмати давраи фарогири аввалин ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ таҳия мегардад, бояд муқоисаҳоеро дар бар гирад, ки дар банди 24 (а) ва (б) (ҷузъҳои иловагардида, ки тавассути бандҳои 25 ва 26 талаб карда мешаванд) тавсиф шудаанд ё иртиботи мутақобилро нисбат ба дигар ҳуҷҷати нашршуда фаро мегиранд, ки ин муқоисаҳоро доро мебошанд.

(в) Агар корхона ба сиёсати баҳисобгирии худ тағйирот ворид кунад ё қарорҳои худро вобаста ба истифодаи озодкуниҳо, ки дар Стандарти мазкур пешбинӣ шудааст, иваз кунад, он бояд тағйироти дахлдорро дар ҳар як чунин ҳисоботи молиявии фосилавӣ тибқи банди 23 шарҳ диҳад ва муқоисаҳои мувофиқи банди 23 (а) ва (б) талабшавандаро таҷдид намояд.

33 СББМ 34 танҳо ифшои маълумоти ҳадди ақалли зарурӣро талаб менамояд ва он ба фарзияе асос ёфтааст, ки истифодабарандагони ҳисоботи молиявии фосилавӣ инчунин ба ҳисоботи молиявии охирини солона дастрасӣ доранд. Бо вуҷуди ин, СББМ 34 инчунин аз корхона талаб менамояд, ки «ҳама гуна гуна рӯйдод ё амалиётеро, ки барои фаҳмиши давраи фосилавии ҷорӣ муҳим мебошанд», ифшо намояд. Аз ин рӯ, агар корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ дар ҳисоботи молиявии охирини солонаи худ, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда таҳия шудааст, маълумотеро ифшо насозад, ки барои фаҳмиши давраи фосилавии ҷорӣ муҳим мебошад, ин маълумот бояд дар ҳисоботи молиявии фосилавӣ ифшо гардад ё дар он бояд иртиботи мутақобила ба дигар ҳуҷҷати нашршуда ҷой дошта бошад, ки чунин маълумотро дар бар мегирад.

## Санаи эътибор пайдо намудан

34 Корхона бояд Стандарти мазкурро истифода намояд, агар ҳисоботи молиявии аввалини он аз 1 июли соли 2009 ё пас аз ин сана таҳия шуда бошад. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад.

35 Корхона бояд тағйироти тавассути бандҳои Г1(л) ва Г23 пешбинишударо барои давраҳои солона, ки аз 1 июли соли 2009 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, истифода намояд. Агар корхона СББМ 23 *«Хароҷот вобаста ба қарзгирӣ»*-ро (соли 2007 аз нав дида баромада шудааст) нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас тағйироти зикршуда нисбат ба ҳамон давра татбиқ мешавад.

36 Ба СБҲМ 3 *«Муттаҳидсозии тиҷорат»* (соли 2008 аз нав дида баромада шудааст), ба бандҳои 19, В1 ва В4(д) ва (е) тағйирот ворид карда шудааст. Агар корхона СБҲМ 3-ро (соли 2008 аз нав дида баромада шудааст) ба давраи пештар татбиқ намояд, ин тағйирот нисбат ба ҳамон давра татбиқ мешаванд.

37 Ба СББМ 27 *«Ҳисоботи молиявии алоҳида»* (соли 2008 аз нав дида баромада шудааст), ба бандҳои Б1 ва Б7 тағйирот ворид карда шудааст. Агар корхона СББМ 27-ро (соли 2008 аз нав дида баромада шудааст) ба давраи пештар татбиқ намояд, он тағйирот нисбат ба ҳамон давра татбиқ карда мешаванд.

38 Тавассути ҳуҷҷати «*Арзиши сармоягузорӣ ба корхонаи фаръӣ, ширкати назораташ муштарак ё иттиҳодия»* (тағйирот ба СБҲМ 1 ва СББМ 27), ки моҳи майи соли 2008 нашр шудааст, бандҳои 31, Г1(е), Г14 ва Г15 илова карда шудаанд. Корхона бояд ин бандҳоро барои давраҳои солона, ки аз 1 июли соли 2009 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона ин бандҳоро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

39 Тавассути ҳуҷҷати *«Такмилдиҳии СБҲМ»*, ки моҳи майи соли 2008 нашр шудааст, ба банди Б7 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 июли соли 2009 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Агар корхона СББМ 27-ро (соли 2008 аз нав дида баромада шудааст) нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, тағйироти мазкур нисбат ба ҳамон давра татбиқ карда мешаванд.

39А Тавассути ҳуҷҷати *«Озодкунии иловагӣ барои корхонаҳое, ки СБҲМ-ро бори аввал татбиқ менамоянд»* (тағйирот ба СБҲМ 1), ки моҳи июли соли 2009 интишор шудааст, ба бандҳои 31А, Г8А, Г9А ва Г21А ва бандҳои Г1(в), (ғ) ва (й) илова ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2010 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона ин тағйиротро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

39Б [Соқит шуддаст.]

39В Тавассути Тафсироти КТҲМБ 19 *«Ҷуброни уҳдадориҳои молиявӣ тавассути воситаҳои ҳиссагузорӣ»* ба банди Г25 илова ворид карда шудааст. К орхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи Тафсироти КТҲМБ 19 татбиқ намояд.

39Г [Соқит шуддаст.]

39Ғ Тавассути ҳуҷҷати *«Такмилдиҳии СБҲМ»*, ки моҳи майи соли 2010 интишор шудааст, ба бандҳои 27А, 31Б ва Г8Б ва бандҳои 27, 32, Г1(в) ва Г8 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд тағйироти мазкурро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2011 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Татбиқи фаврӣ иҷозат дода мешавад. Агар корхона ин тағйиротро нисбат ин ба давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд. Корхонае, ки СБҲМ-ро дар як давраи қабл аз эътибор пайдо намудани СБҲМ 1 қабул кардаанд ё СБҲМ 1-ро ба давраи пештар татбиқ кардаанд, ҳуқуқ доранд, ки тағйироти банди Г8-ро ба таври гузаштанигарӣ дар давраи солонаи аввал пас аз эътибор пайдо намудани тағйироти мазкур татбиқ намоянд. Корхонае, ки банди Г8-ро ба таври гузаштанигарӣ татбиқ менамояд, бояд чунин далелро ифшо намояд.

39Д [Соқит шуддаст.]

39Е [Соқит шуддаст.]

39Ё Тавассути ҳуҷҷати *«Таварруми шадид ва бекор кардани санаҳои собитшуда барои корхонаҳое, ки бори аввал СБҲМ-ро татбиқ менамоянд»* (тағйирот ба СБҲМ 1), ки моҳи декабри соли 2010 нашр шудааст, ба бандҳои Б2, Г1 ва Г20-ро тағйирот ва ба бандҳои 31В ва Г26–Г30 илова ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 июли соли 2011 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад.

39Ж Дар СБҲМ 10 *«Ҳисоботи молиявии маҷмуӣ»* ва СБҲМ 11 «Соҳибкории муштарак», ки моҳи майи соли 2011 нашр шудааст, ба бандҳои 31, Б7, В1, Г1, Г14 ва Г15 тағйирот ворид гардида ва ба банди

 © Фонди СБҲМ

Г31 илова карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари истифодаи СБҲМ10 ва СБҲМ 11 татбиқ намояд.

39З Ба СБҲМ 13 *«Арзёбии арзиши одилона»*, ки моҳи майи соли 2011 нашр шудааст, банди 19 соқит гардида, ба муқаррароти арзиши одилона, ки дар Замимаи А оварда шудааст, тағйирот ва инчунин ба бандҳои Г15 ва Г20 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи СБҲМ 13 мавриди татбиқ қарор диҳад.

39И Тавассути ҳуҷҷати *«Пешниҳоди моддаҳои дигар маҷмуи даромад»* (тағйирот ба СББМ 1), ки моҳи июни соли 2011 интишор шудааст, ба банди 21 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи СББМ 1, ки моҳи июни соли 2011 анҷом шудааст, татбиқ намояд.

39Й Дар СББМ 19 *«Подошпулӣ ба кормандон»* (бо назардошти тағйирот, ки моҳи июни соли 2011 интишор шудааст), ба банди Г1 тағйирот, бандҳои Г10 ва Г11 соқит карда шуда, ба банди Ғ5 илова ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи СББМ 19 (бо назардошти тағйирот, ки моҳи июни соли 2011 интишор шудааст) мавриди татбиқ қарор диҳад.

39Й Тавассути Тафсироти КТҲМБ 20 *“Хароҷот барои корҳои қабаткушоӣ дар марҳилаи баистифодадиҳии конҳои ба таври кушод коркардшаванда”*, банди Г32 илова ва ба банди Г1 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи Тафсироти КТҲМБ 20 мавриди татбиқ қарор диҳад.

39К Тавассути ҳуҷҷати *«Қарзҳое, ки аз тарафи давлат пешиҳод гардиданд»* (тағйирот ба СБҲМ 1), ки моҳи марти соли 2012 нашр шудааст, ба бандҳои Б1(д) ва Б10–Б12 илова ворид карда шудааст. Корхона бояд ин бандҳоро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2013 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад.

39Қ Бандҳои Б10 ва Б11 дорои истинод ба СБҲМ 9 мебошанд. Агар корхона Стандарти мазкурро татбиқ намояд, вале то ҳол СБҲМ 9-ро татбиқ накарда бошад, истиноди бандҳои Б10 ва Б11 ба СБҲМ 9 бояд истинод ба СББМ 39 *«Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва арзёбӣ»* ҳисобида шавад.

39Л Тавассути ҳуҷҷати *«Такмилдиҳии ҳарсолаи СБҲМ, давраи солҳои 2009–2011»*, ки моҳи майи соли 2012 нашр шудааст, ба бандҳои 4А-4Б ва 23А-23Б тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро ба таври гузаштанигарӣ тибқи СББМ 8 *«Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо»* барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2013 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона ин тағйиротро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

39М Тавассути ҳуҷҷати *«Такмилдиҳии ҳарсолаи СБҲМ, давраи солҳои 2009–2011»*, ки моҳи майи соли 2012 нашр шудааст, ба банди Г23 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро ба таври гузаштанигарӣ тибқи СББМ 8 *«Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо»* барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2013 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона ин тағйиротро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

39Н Тавассути ҳуҷҷати *«Такмилдиҳии ҳарсолаи СБҲМ, давраи солҳои 2009–2011»*, ки моҳи майи соли 2012 нашр шудааст, ба банди 21 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро ба таври гузаштанигарӣ тибқи СББМ 8 *«Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо»* барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2013 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона ин тағйиротро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

39О *Тавассути ҳуҷҷати «Ҳисоботи молиявии маҷмуӣ, соҳибкории муштарак ва ифшои маълумот дар бораи иштирок дар дигар корхона: Дастур дар бораи гузариш»* (тағйирот ба СБҲМ 10, СБҲМ 11 ва СБҲМ 12), ки моҳи июни соли 2012 нашр шудааст, ба банди Г31 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи СБҲМ 11 (бо назардошти тағйироти соли 2012) мавриди татбиқ қарор диҳад.

39П Тавассути ҳуҷҷати *«Корхонаҳои сармоягузор»* (тағйирот ба СБҲМ 10, СБҲМ 12 ва СББМ 27), ки моҳи октябри соли 2012 интишор шудааст, ба бандҳои Г16, Г17 ва Замимаи В тағйирот ворид гардида, унвон ва бандҳои Ғ6–Ғ7 илова карда шудаанд. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2014 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Татбиқи ҳуҷҷати *«Корхонаҳои сармоягузор»* иҷозат дода мешавад . Агар корхона ин тағйиротро пеш аз муҳлат татбиқ намояд, он бояд ҳама тағйироти дар ҳуҷҷати *«Корхонаҳои сармоягузор»* мавҷудбударо ҳамзамон татбиқ намояд.

39Р [Соқит шудааст]

39С Ба СБҲМ 14 *«Ҳисобҳои фарқияти тарофаҳои батаъхиргузошташуда»*, ки моҳи январи соли 2014 нашр шудааст, ба банди Г8Б тағйирот ворид гардидааст. Корхона бояд ин тағйиротро барои

давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2016 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона СБҲМ 14-ро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, ин тағйирот бояд нисбат ба ҳамон давра татбиқ карда шавад.

39Т Тавассути ҳуҷҷати *“Баҳисобгирии ба даст овардани ҳиссаи иштирок дар амалиёти муштарак”* (тағйирот ба СБҲМ 11), ки моҳи майи соли 2014 нашр шудааст, ба банди В5 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2016 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Агар корхона тағйироти дахлдорро нисбат ба СБҲМ 11 тавассути ҳуҷҷати *“Баҳисобгирии ба даст овардани ҳиссаи иштирок дар амалиёти муштарак”* (тағйирот ба СБҲМ 11) нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, тағйирот нисбат ба банди В5 низ бояд дар ҳамон давра татбиқ карда шавад.

39У Ба СБҲМ 15 *«Даромад аз фурӯш тибқи шартнома бо харидорон»*, ки моҳи майи соли 2014 нашр шудааст, ба банди Г1 тағйирот ворид гардидааст, банди Г24 ва сарлавҳаи марбут ба он соқит карда шуда, бандҳои Г34–Г35 ва сарлавҳаи марбут ба онҳо илова гардидаанд. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи СБҲМ 15 мавриди татбиқ қарор диҳад.

39Ӯ Ба СБҲМ 9 *«Воситаҳои молиявӣ»*, тавре ки моҳи июл 2014 нашр шудааст, ба бандҳои 29, Б1-Б6, Г1, Г14, Г15, Г19 ва Г20 тағйирот ворид карда шуда, бандҳои 39Б, 39Е ва 39Р соқит шудаанд ва бандҳои 29А, Б8-Б8Е, Б9, Г19А-Г19В, Г33, Ғ1 ва Ғ2 илова гардидаанд. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи СБҲМ 9 мавриди татбиқ қарор диҳад.

39Ф Тавассути ҳуҷҷати *“Усули ҳиссаи иштирок дар ҳисоботи молиявии алоҳида* (тағйирот ба СББМ 27)”, ки моҳи августи соли 2014 нашр шудааст, ба банди Г14 тағйирот ва ба банди Г15А илова ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2016 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона тағйиротро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

39АА [Соқит шудааст]

39АБ Ба СБҲМ 16 *“Иҷора”*, ки моҳи январи соли 2016 нашр шудааст, ба бандҳои 30, В4, Г1, Г7, Г8Б ва Г9 тағйирот ворид гардида, банди Г9А соқит карда шудааст ва бандҳои Г9Б–Г9Ғ илова карда шудаанд. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи СБҲМ 16 мавриди татбиқ қарор диҳад.

39АВ Тавассути Тафсироти КТҲМБ 22 *“Амалиёт бо асъори хориҷӣ ва пешпардохт”* банди Г36 ворид гардида, ба банди Г1 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи Тафсироти КТҲМБ 22 мавриди татбиқ қарор диҳад.

39АГ Тавассути ҳуҷҷати *“Такмилдиҳии ҳарсолаи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, давраи солҳои 2014–2016”*, ки моҳи декабри соли 2016 нашр шудааст, ба бандҳои 39Й ва 39П тағйирот ворид гардида, инчунин бандҳои 39Г, 39Д, 39АА ва Ғ3–Ғ7 хориҷ карда шудаанд. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2018 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд.

39АҒ Ба СБҲМ 17 *“Шартномаҳои суғурта”*, ки моҳи майи соли 2017 нашр шудааст, ба бандҳои Б1 ва Г1 тағйирот ворид карда шуда, сарлавҳаи пеш аз банди Г4 ва банди Г4 хориҷ карда шудаанд ва пас аз банди Б12 ва банди Б13 унвон илова гардидааст. Корхона бояд ин тағйиротро тағйиротоСБҲМ 17 татбиқ намояд.

39АД Тавассути Тафсироти КТҲМБ 23 *“Номуайянӣ нисбати баҳисобгирии андоз аз даромад”* ба банди Ғ8 илова ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи Тафсироти КТҲМБ 23 мавриди татбиқ қарор диҳад.

39АЕ Тавассути ҳуҷҷати *“Такмилдиҳии ҳарсолаи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, давраи солҳои 2018–2020”*, ки моҳи майи соли 2020 нашр шудааст, ба банди Г1(д) тағйирот ва ба банди Г13А илова ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2022 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона ин тағйиротро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

39АЁ Тавассути ҳуҷҷати *“Андози батаъхиргузошташудаи марбут ба дороиҳо ва уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи як амалиёт ба вуҷуд меоянд”*, ки моҳи майи соли 2021 интишор шудааст, ба банди Б1 тағйирот ва ба банди Б14 илова ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2023 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона тағйиротро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.


© Фонди СБҲМ

## Қатъи амали СБҲМ 1 (соли 2003 интишор шудааст)

40 Стандарти мазкур СБҲМ 1-ро (соли 2003 нашр шудааст ва бо назардошти тағйироте, ки моҳи майи соли 2008 ворид карда шудааст) иваз менамояд.

© Фонди СБҲМ

# Замимаи А

## Муқаррароти истилоҳот

*Замимаи мазкур қисми ҷудонопазири Стандарти мазкур маҳсуб меёбад.*

| | |
|---|---|
| **Санаи гузариш ба СБҲМ** | Оғози аз ҳама давраи пештар, ки барои он корхона маълумоти муқоисавии мукаммалро тибқи СБҲМ дар ҳисоботи молиявии аввалини худ тибқи СБҲМ пешниҳод менамояд. |
| **Арзиши**<br><br>**аввалияи шартӣ** | Бузургие мебошад, ки ивазкунандаи арзиши аввалия ё арзиши истеҳлок дар баъзе санаҳои муқарраршуда маҳсуб меёбад. Ҳангоми ҳисоби минбаъдаи истеҳлок пешбинӣ мегардад, ки корхона дар ибтидо дар санаи муқарраршуда доройӣ ё уҳдадориро эътироф кардааст, ки арзиши аввалияи он бо арзиши аввалияи шартии зикршуда баробар мебошад. |
| **Арзиши одилона** | Арзиши одилона нархеро ифода менамояд, ки ҳангоми фурӯши доройӣ ба даст оварда шуда ё дар мавриди интиқоли уҳдадорӣ дар раванди қарордоди муқаррарии байни иштирокчиёни бозор дар санаи арзёбӣ пардохта шудааст (ба СБҲМ 13 нигаред). |
| **Аввалин ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ** | Ҳисоботи молиявии аввалини солонаи корхона бо ворид намудани дархости возеҳ ва якхела дар бораи мутобиқати он ба **СБҲМ,** ки тибқи он корхона **Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявиро** татбиқ менамояд. |
| **Даври аввали ҳисоботӣ тибқи СБҲМ** | Давраи ҳисоботии аз ҳама охирин, ки аз ҷониби корхона дар ҳисоботи молиявии аввалини он тибқи СБҲМ пешниҳод шудааст. |
| **Корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ** | Корхонае, ки ҳисоботи молиявии аввалини худро тибқи СБҲМ пешниҳод менамояд. |
| **Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ)** | Стандартҳо ва тафсироту тавзеҳоте, ки тавассути Шурои Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (Шурои СБҲМ) интишор мешаванд. Ба инҳо дохил мешаванд:<br>(а) Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ);<br>(б) Стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ (СББМ);<br>(в) Тафсироти КТҲМБ (IFRIC);<br>(г) Тавзеҳоти КТС (SIC)[1]. |
| **ҳисоботи ифтитоҳӣ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ** | Ҳисобот дар бораи ҳолати молиявии корхона дар санаи гузариш ба СБҲМ. |
| **ПУБМ-и қаблан татбиқшуда (Принсипҳои умумиқабулшудаи баҳисобгирии муҳосибӣ)** | Принсипҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботи корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ, ки бевосита пеш аз гузариш ба СБҲМ анҷом мепазирад. |

[1] Муқаррароти истилоҳи СБҲМ пас аз ворид намудани тағйирот ба номҳо, ҳангоми аз нав дида баромадани Конститутсияи Фонди СБҲМ дар соли 2010, ислоҳ карда шуд.

 © Фонди СБҲМ

## Замимаи Б

## Истисноҳое, ки ба таври гузаштанигарӣ ба татбиқи дигар СБҲМ-ҳо дахл доранд

*Замимаи мазкур қисми ҷудонопазири СБҲМ маҳсуб меёбад.*

Б1 Истисноҳои зерин барои корхона ҳатмӣ мебошанд:

(а) қатъи эътирофи дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявӣ (бандҳои Б2 ва Б3);

(б) баҳисобгирии ҳедҷинамоӣ (бандҳои Б4-Б6);

(в) ҳиссаи иштироки ғайриназоратӣ (банди Б7);

(г) гурӯҳбандӣ ва арзёбии дороиҳои молиявӣ (бандҳои Б8-Б8В);

(ғ) беқурбшавии дороиҳои молиявӣ (бандҳои Б8Г-Б8Е);

(д) дериватившои омехта (банди Б9);

(е) қарзҳои давлатӣ (бандҳои Б10-Б12);

(ё) шартномаҳои суғурта (банди Б13);

(i) андози батаъхиргузоштшудаи марбут ба иҷора ва уҳдадориҳои марбут ба хориҷ намудан аз истифода, барқарорсозӣ ва уҳдадориҳои ҳаммонанд (банди Б14).

### Қатъи эътирофи дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявӣ

Б2 Ба истисиои ҳолатҳое, ки дар банди Б3 тавсиф шудааст, корхонае, ки бори аввал СБҲМ-ро татбиқ менамояд, бояд талаботи СББМ 39 «Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва арзёбӣ»-ро татбиқ намояд, ки ба таври ояндабинӣ ба қатъи эътирофи марбут ба амалиёти дар санаи гузариш ба СБҲМ ё баъд аз он сана анҷомёфта дахл дорад. Масалан, агар амалиёте, ки дар натиҷаи он корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ эътирофи дороиҳои молиявии ғайридеривативӣ ё уҳдадориҳои молиявиро дар доираи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда қатъ кардааст, то санаи гузариш ба СБҲМ ба амал омада бошад, пас тибқи СБҲМ корхона набояд ин дороиҳо ва уҳдадориҳоро эътироф намояд (ба истисноi ҳолатҳое, ки онҳо дар натиҷаи амалиёт ё рӯйдоди минбаъда меъёрҳои эътирофро қонеъ месозанд).

Б3 Новобаста аз муқаррароти банди Б2 корхона метавонад талаботи қатъи эътирофро, ки СББМ 39 пешбинӣ кардааст, ба таври гузаштанигарӣ дар ҳар санаи интихобкардаи корхона татбиқ намояд, ба шарте ки иттилооти зарурӣ барои татбиқи СББМ 39 нисбат ба он дороиҳо ва уҳдадориҳои молиявие, ки дар натиҷаи амалиёти гузашта эътироф нашудаанд, дар ҳамон вақт гирифта шудааст, ҳангоме, ки ки амалиёти зикршуда дар ибтидо дар баҳисобгирӣ нишон дода шудаанд.

### Баҳисобгирии ҳедҷинамоӣ

Б4 Тибқи талаботи СББМ 39 дар санаи гузариш ба СБҲМ, корхона бояд:

(а) ҳама дериватившоро аз рӯйи арзиши одилона арзёбӣ намояд;

(б) ҳама талафот ва фоидаро аз эътирофи ба таъхир гузошташуда, ки бар асари дериватившо ба вуҷуд омада, дар асоси ПУБМ-и қаблан татбиқшуда дар ҳисобот инъикос шудаанд, хориҷ намояд, ба он тавре, агар онҳо дороиҳо ё уҳдадориҳоро ҳам инъикос карда бошанд.

Б5 Корхона набояд дар ҳисоботи ифтитоҳии худ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ он муносибатҳои ҳедҷинамоиро, ки ба талаботи СББМ 39 вобаста ба татбиқи баҳисобгирии ҳедҷинамоӣ мувофиқат намекунанд, инъикос намояд (масалан, бисёр муносибатҳои ҳедҷинамоӣ, ки дар онҳо воситаи ҳедҷинамоӣ - воситаи пулӣ ё опсиони содиршуда мебошанд; дар онҳо объекти ҳедҷинамоӣ нетто-мавқеъ ба ҳисоб меравад; ё дар онҳо ҳедҷинамоӣ ба хавфи фоизноки сармоягузорӣ, ки то пардохт нигоҳдорӣ мегардад, фаро гирифта мешавад); Аммо, агар корхона нетто-мавқеъро тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда ҳамчун объекти ҳедҷинамоӣ таъин карда бошад, он гоҳ тибқи СБҲМ он метавонад мувофиқи салоҳдиди худ моддаи алоҳидаро дар таркиби ин нетто-мавқеъ, бо он шарте, ки онро на дертар аз санаи гузариш ба СБҲМ анҷом медиҳад, муайян намояд.

Б6 Агар кадом як амалиёт тибқи салоҳдиди корхона то санаи гузариш ба СБҲМ ҳамчун ҳедҷинамоӣ муайян шуда бошад, аммо чунин ҳедҷинамоӣ шартҳои пешбининамудаи СББМ 39 ҷиҳати табиқи

баҳисобгирии хедҷинамоиро қонеъ нагардонад, корхона бояд бандҳои 91 ва 101-и СББМ 39-ро ҷиҳати қатъ намудани баҳисобгирии хедҷинамоӣ истифода намояд. Қарордодҳое, ки то санаи гузариш ба СБҲМ баста шудаанд, наметавонанд тибқи салоҳдиди корхона ба таври гузаштанигарӣ ҳамчун хедҷинамоӣ муайян карда шаванд.

## Ҳиссаи иштироки ғайриназоратӣ

Б7 Корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ талаботи зерини СБҲМ 10-ро бояд аз санаи гузариш ба СБҲМ ба таври ояндабинӣ татбиқ намояд:

(а) талаботи банди Б94 дар бораи зарурати мансуб донистани даромади умумии маҷмуӣ ба соҳибмулкони корхонаи асосӣ ва ба ҳиссаи иштироки ғайриназоратӣ, ҳатто агар ин боиси бақияи манфӣ дар ҳисоби ҳиссаи иштироки ғайриназоратӣ гардад;

(б) талаботи бандҳои 23 ва Б93 дар бораи тартиби баҳисобгирии тағйирот дар ҳиссаи фоизноки соҳибмулкии корхонаи асосӣ ба ширкати фаръӣ, ки боиси аз даст додани назорат намегардад;

(в) талаботи бандҳои Б97-Б99 дар бораи тартиби баҳисобгирии аз даст додани назорат дар корхонаи фаръӣ ва талаботи марбут дар банди 8А-и СБҲМ 5 *«Дороиҳои ғайригардишии барои фурӯш таъиншуда ва фаъолияти қатъшуда»*.

Аммо, агар корхонае, ки бори аввал СБҲМ-ро татбиқ менамояд, ҷиҳати ба таври гузаштанигарӣ татбиқ намудани СБҲМ 3 нисбат ба қарордодҳои қаблӣ вобаста ба муттаҳидсозии тиҷорат қарор қабул намояд, пас он инчунин бояд СБҲМ 10-ро тибқи банди С1-и Стандарти мазкур татбиқ намояд.

## Гурӯҳбандӣ ва арзёбии воситаҳои молиявӣ

Б8 Корхона бояд арзёбӣ намояд, ки оё дороии молиявӣ ба шартҳои банди 4.1.2 ё ба шартҳои банди 4.1.2А-и СБҲМ 9 дар асоси далелҳо ва ҳолатҳое, ки дар санаи гузариш ба СБҲМ мавҷуд буданд, мувофиқат менамояд.

Б8А Агар унсури модификатсияшудаи арзиши муваққатии пул тибқи бандҳои Б4.1.9Б–Б4.1.9Г СБҲМ 9 дар асоси далелҳо ва ҳолатҳои дар санаи гузариш ба СБҲМ вуҷуддошта ғайриимкон бошад, корхона бояд хусусиятҳои тибқи шартнома пешбининамудаи маҷмуи пулии марбут ба ин дороии молиявиро дар асоси далелҳо ва ҳолатҳои дар санаи гузариш ба СБҲМ мавҷудбуда, бидуни назардошти талабот нисбат ба модификатсияи унсури арзиши муваққатии пул тибқи бандҳои Б4.1.9Б–Б4.1.9Г-и СБҲМ 9 арзёбӣ намояд. (Дар ин ҳолат, корхона бояд банди 42Н-и СБҲМ 7-ро низ татбиқ намояд, аммо дастур ба «банди 7.2.4-и СБҲМ 9» бояд ҳамчун дастур ба банди мазкур ва дастур ба «эътирофи аввалияи дороии молиявӣ» бояд ҳамчун дастур ба «дар санаи гузариш ба СБҲМ» дарк карда шавад.)

Б8Б Агар арзёбии ночиз будани арзиши одилонаи шарти пардохти пеш аз муҳлат тибқи банди Б4.1.12(в) СБҲМ 9, ки дар асоси далелҳо ва ҳолатҳои дар санаи гузариш ба СБҲМ вуҷуддошта ғайриимкон бошад, корхона бояд хусусияти пешбининамудаи шартномаро аз рӯйи маҷмуи пулии ин дороии молиявӣ дар асоси далелҳо ва ҳолатҳои дар санаи гузариш ба СБҲМ мавҷудбуда, бидуни назардошти истисно барои шартҳои пардохти пеш аз муҳлат, ки дар банди Б4.1.12-и СБҲМ 9 зикр шудааст, арзёбӣ намояд. (Дар ин ҳолат, корхона инчунин бояд банди 42О СБҲМ 7-ро татбиқ намояд, аммо дастур ба «банди 7.2.5-и СБҲМ 9» бояд ҳамчун дастур ба банди мазкур ва дастур ба «эътирофи аввалияи дороии молиявӣ» бояд ҳамчун дастур ба «дар санаи гузариш ба СБҲМ» дарк карда шавад.)

Б8В Агар барои корхона ба таври гузаштанигарӣ истифода бурдани усули меъёри фоизноки самарабахш дар СБҲМ 9 ғайриимкон бошад (чӣ тавре, ки ки ин истилоҳ дар СБҲМ 8 муқаррар шудааст), арзиши одилонаи дороии молиявӣ ё уҳдадориҳои молиявӣ дар санаи гузариш ба СБҲМ ба сифати арзиши тавозунии умумии нави ин дороии молиявӣ ё арзиши истеҳлоки нави ин уҳдадории молиявӣ дар санаи гузариш ба СБҲМ бояд қабул карда шавад.

## Беқурбшавии дороиҳои молиявӣ

Б8Г Корхона бояд талаботи Боби 5.5 СБҲМ 9-ро, ки ба беқурбшавӣ тааллуқ дорад, бо назардошти бандҳои Б8Ғ–Б8Е ва Ғ1–Ғ2 Стандарти мазкур ба таври гузаштанигарӣ татбиқ намояд.

Б8Ғ Дар санаи гузариш ба СБҲМ корхона бояд иттилооти асоснок ва тасдиқшударо истифода намояд, ки бидуни хароҷот ё саъю кӯшиши аз ҳадд зиёд барои муайян намудани хавфи қарзӣ дар санаи эътирофи аввалияи воситаҳои молиявӣ (ё дар мавриди уҳдадориҳои марбут ба пешниҳоди қарз ва

шартномаҳои кафолати молиявӣ, санае, ки корхона тибқи уҳдадориҳои шартномавӣ ба тарафи шартнома табдил ёфтааст, бидуни ҳуқуқи бекоркунии минбаъдаи он, тибқи банди 5.5.6 СБҲМ 9) ва муқоисаи он бо хавфи қарзӣ дар санаи гузариш ба СБҲМ (инчунин ба бандҳои Б7.2.2– Б7.2.3 СБҲМ 9 нигаред) мавҷуд мебошад.

Б8Д Ҳангоми муайян намудани он, ки оё афзоиши назарраси хавфи қарзӣ аз мавриди эътирофи аввалия ба амал омадааст, корхона метавонад инҳоро татбиқ намояд:

(а) талаботи бандҳои 5.5.10 ва Б5.5.22–Б5.5.24 СБҲМ 9;

(б) фарзияи радшавандаи дар банди 5.5.11 СБҲМ 9 барои пардохтҳои пешбинининамудаи шартнома зикршуда, ки зиёда аз 30 рӯз аз муҳлат гузаштааст, агар корхона талаботеро истифода намояд, ки ба беқурбшавӣ таалluқ дошта, тавассути муайян намудани афзоиши назарраси хавфи қарзӣ аз лаҳзаи эътирофи аввалия барои чунин воситаҳои молиявӣ дар асоси маълумот дар бораи пардохтҳои ба таъхир гузошташуда анҷом меёбад.

Б8Е Агар дар санаи гузариш ба СБҲМ, муайян намудани он, ки оё афзоиши назарраси хавфи қарзӣ пас аз эътирофи аввалияи воситаи молиявӣ хароҷот ё саъю кӯшиши аз ҳад зиёдро талаб менамояд, корхона бояд захираи тахти зарар арзёбишавандаро бо маблағе эътироф намояд, ки бо зарари қарзи дар давоми тамоми муҳлат интизоршаванда, дар ҳар як санаи ҳисоботӣ то қатъ гардидани эътирофи воситаи молиявӣ баробар мебошад (агар танҳо воситаи молиявӣ дар санаи ҳисоботӣ дорои хавфи ками қарз набошад, дар ин ҳолат банди Б8Д(а) татбиқ карда мешавад).

## Деривативи омехта

Б9 Корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ бояд зарурати ҷудосозии деривативи омехта аз шартномаи асосӣ ва инъикоси онро дар баҳисобгирӣ ба сифати дериватив, дар асоси шартҳое арзёбӣ намояд, ки дертар аз санаҳои зерин вуҷуд доштанд: санае, ки корхона бори аввал тибқи шартнома ҳамчун тарафи он пазируфта шудааст ва санае, ки талаб карда мешавад.

## Қарзҳое, ки аз ҷониби корхона пешниҳод мегарданд

Б10 Корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ бояд тамоми қарзҳоеро, ки аз давлат қабул кардааст, ҳамчун уҳдадории молиявӣ ё воситаи қарзӣ тибқи СББМ 32 *«Воситаҳои молиявӣ: пешниҳод»* гурӯҳбандӣ намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар банди Б11 пешбинӣ шудааст, корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ бояд ба таври ояндабинӣ талаботи СБҲМ 9 *«Воситаҳои молиявӣ»* ва СББМ 20 *«Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо»*-ро нисбат ба қарзҳои давлатӣ, ки дар санаи гузариш ба СБҲМ дар корхона мавҷуд мебошанд, татбиқ намояд ва набояд ҳамчун субсидияи давлатии мувофиқ бо фоидаи қарзе, ки аз ҷониби давлат бо меъёри фоизи пасттар аз меъёри бозор дода мешавад, эътироф намояд. Аз ин рӯ, агар корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ қарзеро, ки аз ҷониби давлат бо меъёри фоизи камтар аз меъёри бозор тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда ба таври мувофиқ ба СБҲМ дода шудааст, эътироф ва арзёбӣ накунад, он бояд арзиши тавозунии ин қарзро, ки дар санаи гузариш ба СБҲМ тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда ба сифати арзиши тавозунии ин қарз дар ҳисоботи ифтитоҳӣ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ муқаррар шудааст, истифода намояд. Пас аз санаи гузариш ба СБҲМ корхона бояд СБҲМ 9-ро барои арзёбӣ намудани чунин қарзҳо истифода намояд.

Б11 Новобаста аз талаботи банди Б10 корхона метавонад талаботи СБҲМ 9 ва СББМ 20-ро ба таври гузаштанигарӣ нисбат ба ҳама гуна қарзе, ки аз ҷониби давлат то санаи гузариш ба СБҲМ ба он дода шудааст, татбиқ намояд, ба шарте, ки маълумоти зарурии марбут ба ин дар ҳамон вақте гирифта шудааст, ҳангоме, ки қарзи зикршуда дар ибтидо дар баҳисобгирӣ инъикос шуда бошад.

Б12 Талабот ва дастур пешбининамудаи бандҳои Б10 ва Б11 ба корхона монеъ намешаванд, ки он тавонад аз озодкуниҳои дар бандҳои Г19-Г19Г тавсифшуда истифода бурда, тибқи салоҳдиди худ воситаҳои молиявии қаблан эътирофшударо ҳамчун аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбишаванда гурӯҳбандӣ намояд.

## Шартномаҳои суғурта

Б13 Корхона бояд муқаррароти интиқолиро, ки дар бандҳои В1–В24 ва В28-и Замимаи В-и СБҲМ 17 нисбат ба шартномаҳои мансуб ба доираи татбиқи СБҲМ 17 пешбинӣ гардидааст, татбиқ намояд. Тазаккуроти бандҳои зерини СБҲМ 17 вобаста ба санаи гузариш бояд ҳамчун нишондод дар санаи гузариш ба СБҲМ баррасӣ карда шаванд.

## Андози батаъхиргузоштташуда, ки бо иҷора ва уҳдадориҳои хориҷ намудани объект аз истифода, беҳтарсозии муҳити зист ва уҳдадориҳои ҳаммонанд алоқаманд мебошад

Б14 Тибқи бандҳои 15 ва 24-и СББМ 12 *«Андоз аз даромад»* корхона аз эътирофи дороиҳои андозбандишавандаи батаъхиргузоштташуда ё уҳдадориҳо дар ҳолатҳои муайян озод мегардад. Новобаста аз ин озодкунӣ корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ бояд дороии андозбандишавандаи батаъхиргузоштташударо дар санаи гузариш ба СБҲМ ба он дараҷае эътироф намояд, ки мавҷуд будани фоидаи андозбандишавандаи оянда имкон дошта, дар муқобили он метавон фарқиятҳои муваққатии тарҳшаванда ва уҳдадориҳои андозбандишавандаи батаъхиргузоштташударо дар робита бо тамоми фарқиятҳои муваққатии тарҳшаванда ва андозбандишаванда, ки бо инҳо марбут мебошанд, ҳисоб намуд:

(а) дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода ва уҳдадориҳои марбут ба иҷора;

(б) уҳдадориҳо вобаста ба хориҷ намудани объект аз истифода, беҳтарсозии муҳити зист ва уҳдадориҳои ҳаммонанд ва маблағи марбут ба чунин уҳдадориҳо, ки ба арзиши аввалияи дороии дахлдор дохил карда шудааст.


© Фонди СБҲМ

## Замимаи В

## Озодкунӣ барои ҳолатҳои муттаҳидсозии тиҷорат

*Замимаи мазкур қисми ҷудонопазири СБҲМ маҳсуб меёбад. Корхона бояд талаботи минбаъд зикршударо нисбат ба он муттаҳидсозиҳои тиҷорат татбиқ намояд, ки то санаи гузариш ба СБҲМ аз ҷониби он эътироф шудаанд. Замимаи мазкур бояд танҳо нисбат ба он муттаҳидсозиҳои тиҷорат татбиқ карда шаванд, ки ба доираи татбиқи СБҲМ 3* «Муттаҳидсозии тиҷорат» *дохил мешаванд.*

В1 Корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ метавонад тасмим гирад, ки СБҲМ 3-ро ба таври гузаштанигарӣ нисбат ба рӯйдодҳои қаблии муттаҳидсозии тиҷорат татбиқ накунад (муттаҳидсозии тиҷорат, ки то санаи гузариш ба СБҲМ ба амал омадааст). Аммо, агар корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ азнавҳисобкунии ҳама гуна муттаҳидсозии тиҷоратро барои дастёбии мутобиқат ба СБҲМ 3 анҷом диҳад, он бояд ҳама муттаҳидсозии минбаъдаи тиҷоратро аз нав ҳисоб намояд ва инчунин оғоз аз ҳамон сана ба татбиқи СБҲМ 10 шурӯъ намояд. Масалан, агар корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ қарор намояд, ки маълумоти муттаҳидсозии тиҷоратро, ки 30 июни соли 20Х6 рух додааст, аз нав ҳисоб намояд, он бояд ҳама маълумоти муттаҳидсозии тиҷоратро, ки байни 30 июни соли 20Х6 ва санаи гузариш ба СБҲМ рух додааст, аз нав ҳисоб намояд ва СБҲМ 10-ро аз 30 июни соли 20Х6 татбиқ намояд.

В2 Барои корхона зарурат вуҷуд надорад, ки СББМ 21 *«Таъсири тағйироти қурби асъори хориҷӣ»*-ро ба таври гузаштанигарӣ нисбат ба тасҳеҳот то арзиши одилона ва гудвил, ки дар доираи қарордодҳои вобаста ба муттаҳидсозии тиҷорат ба вуҷуд омада, то санаи гузариш ба СБҲМ анҷом пазируфтаанд, татбиқ намояд. Агар корхона СББМ 21-ро ба таври гузаштанигарӣ нисбат ба чунин тасҳеҳот то арзиши одилона ва гудвил татбиқ накунад, он бояд онҳоро ҳамчун дороиҳо ва уҳдадориҳои корхона, на ҳамчун дороиҳо ва уҳдадориҳои корхонаи бадастовардашуда ба эътибор гирад. Аз ин рӯ, гудвил ва тасҳеҳоти то арзиши одилона зикршуда ё аллакай бо асъори амалкунандаи корхона ифода гардидаанд ё моддаҳои асъории ғайрипулӣ мебошанд, ки дар ҳисоботи вобаста ба азнавҳисобкунӣ аз рӯйи мубодилаи қурби асъор, ки истифодаи он тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда пешбинӣ шудааст, инъикос мегарданд.

В3 Корхона метавонад СББМ 21-ро ба таври гузаштанигарӣ нисбат ба тасҳеҳоти то арзиши одилона ва гудвил, ки дар доираи инҳо ба вуҷуд меоянд, татбиқ намояд:

(а) ё ҳамаи муттаҳидсозии тиҷорат, ки то санаи гузариш ба СБҲМ ба амал омадаанд;

(б) ё ҳамаи он муттаҳидсозии тиҷорат, ки корхона қарор менамояд барои дастёбии мутобиқати СБҲМ 3, ки тибқи банди В1 иҷозат дода шудааст, аз нав ҳисоб намояд.

В4 Агар корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ ба таври гузаштанигарӣ нисбат ба яке аз муттаҳидсозии тиҷорат СБҲМ 3-ро татбиқ накунад, пас оқибати чунин муттаҳидсозии тиҷорат ин тавр мешавад:

(а) корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ онро бояд ҳамон тавре гурӯҳбандӣ намояд (яъне, ба даст овардан тавассути харидории ҳуқуқӣ, ба сифати хариди баръакси объекти ҳуқуқии харид ё ба сифати маҷмуи манфиатҳо), ки он дар ҳисоботи молиявии корхона тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда гурӯҳбандӣ шудааст.

(б) корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ бояд дар санаи гузариш ба СБҲМ ҳама дороиҳо ва уҳдадориҳои худро эътироф намояд, ки дар доираи муттаҳидсозии тиҷорати қаблӣ ба даст оварда шудаанд ё қабул гардидаанд, ба истиснои:

(i) баъзе дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявӣ, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда эътирофи онҳо қатъ гардидааст (ба банди Б2 нигаред);

(ii) дороиҳо, аз ҷумла, гудвил ва уҳдадориҳое, ки аз ҷониби харидор дар ҳисоботи маҷмуӣ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда эътироф нашудаанд ва инчунин тибқи СБҲМ дар ҳисоботи алоҳида дар бораи ҳолати молиявии объекти харид эътироф карда намешаванд (дар поён ба зербандҳои (д)–(ж) нигаред).

Корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ бояд ҳама гуна тағйироти баамаломадаро тавассути тасҳеҳи фоидаи тақсимнашуда (ё агар мувофиқ бошад, гурӯҳи дигари сармояи хусусӣ) эътироф намояд, ба шарте, ки ин тағйирот дар натиҷаи эътирофи дороии ғайримоддӣ, ки қаблан аз таркиби гудвил ҷудонашуда ба вуҷуд меояд (дар поён ба зербандҳои (е)–(ж) нигаред).

(в) корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ бояд аз ҳисоботи ифтитоҳии худ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ ҳама гуна моддаеро, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда эътироф шуда, меъёрҳои эътирофро ба сифати дороӣ ё уҳдадорӣ тибқи СБҲМ қонеъ намекунад, хориҷ кунад. Корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ бояд ҳолати дар натиҷаи тағйирот бавуҷудомадаро ба таври зерин ҳисоб намояд:

(i) имкон вуҷуд дорад, ки корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ қарордоди қаблиро ҷиҳати муттаҳидсозии тиҷорат ҳамчун харид гурӯҳбандӣ намуда, ба сифати дороии ғайримоддӣ моддаеро эътироф намудааст, ки ба меъёрҳои эътирофи он ба сифати дороӣ тибқи СББМ 38 *«Дороиҳои ғайримоддӣ»* ҷавобгӯй намебошад. Пас аз он корхона бояд моддаи зикршударо (ва агар мавҷуд бошад, бузургии андози батаъхиргузошташудаи марбут ба он ва ҳиссаи иштироки ғайриназоратӣ) дар таркиби гудвил аз нав гурӯҳбандӣ намояд (ба истиснои ҳолатҳое, ки он ки гудвилро фавран тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда аз сармояи хусусӣ тарҳ карда бошад, дар поён ба зербандҳои (е))(i) ва (ж) нигаред.);

(ii) корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ бояд ҳама дигар тағйироти дар таркиби фоидаи тақсимнашуда баамаломадаро эътироф намояд [2].

(г) СБҲМ арзёбии минбаъдаи баъзе дороиҳо ва уҳдадориҳоро бо истифода аз манбае, ки аз арзиши аввалияи аслии онҳо фарқ менамояд, масалан, арзиши одилона, талаб менамояд. Корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ бояд ин дороиҳо ва уҳдадориҳоро бо истифодаи хоссатан чунин манбаъ дар ҳисоботи ифтитоҳии худ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ арзёбӣ намояд, ҳатто агар онҳо дар доираи муттаҳидсозии тиҷорати қаблӣ ба даст оварда шуда бошанд ё қабул гардида бошанд. Ҳама гуна тағйироти дар арзиши тавозунӣ бавуҷудомада бояд аз ҷониби корхона бо роҳи тасҳеҳ намудани фоидаи тақсимнашуда (ё агар мувофиқ бошад, гурӯҳи дигари сармояи хусусӣ) эътироф карда шавад, на гудвил.

(ғ) бевосита пас аз муттаҳидсозии тиҷорат арзиши тавозунии дороиҳое, ки дар доираи ин муттаҳидсозии тиҷорат ба даст оварда шудаанд, ҳам уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи чунин муттаҳидшавии тиҷорат қабул гардида, тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда муайян шудаанд, бояд ба арзиши аввалияи шартии онҳо тибқи СБҲМ дар санаи зикршуда мубаддал шаванд. Агар СБҲМ арзёбии минбаъдаи ин дороиҳо ва уҳдадориҳоро дар асоси арзиши аввалия талаб намояд, пас он арзиши аввалияи шартӣ барои истеҳлок аз санаи муттаҳидсозии дахлдори тиҷорат асос мегардад.

(д) агар дороии дар доираи қарордоди қаблии марбут ба муттаҳидсозии тиҷорат ба даст овардашуда ё уҳдадории дар доираи чунин қарордод ба зимма гирифташуда тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда эътироф карда нашаванд, ин он маъноро надорад, ки арзиши аввалияи шартии онҳо дар ҳисоботи ифтитоҳӣ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ ба сифр баробар мебошад. Бар ивази ин харидор бояд онҳоро дар ҳисоботи маҷмуии худ дар бораи ҳолати молиявӣ бо тартибе эътироф ва арзёбӣ намояд, ки тибқи СБҲМ онҳо дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявии объекти бадастомада эътироф карда мешаванд. Барои мисол, агар дар доираи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда харидор объектҳои иҷораи молиявии дар доираи қарордоди қаблии вобаста ба муттаҳидсозии тиҷорат харидашударо мавриди сармояфузунӣ қарор надиҳад, пас он бояд объектҳои иҷораҳои молиявии зикршударо дар ҳисоботи молиявии маҷмуии худ мавриди сармояфузунӣ қарор диҳад, ба он тавре, ки тибқи СБҲМ 17 «Иҷора» объекти харид бояд инро тибқи СБҲМ дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ анҷом медод. Ҳамин тавр, агар тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда харидор уҳдадории шартиро, ки дар санаи гузариш ба СБҲМ то ҳол вуҷуд дорад, эътироф накунад, харидор бояд он уҳдадории шартиро дар он сана эътироф намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки СББМ 37 *«Уҳдадориҳои арзёбишаванда, уҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ»* эътирофи онро дар ҳисоботи молиявии корхонаи бадастовардашуда манъ менамояд. Ва баръакс, агар дороиҳо ё уҳдадориҳо тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда аз гудвил ҷудо карда нашуда бошанд, аммо бояд тибқи СБҲМ 3 ба таври алоҳида эътироф карда шаванд, дороӣ ё уҳдадории зикршуда дар таркиби гудвил боқӣ мемонанд, ба истиснои ин ҳолатҳо, ҳангоме, ки эътирофи онҳо тибқи СБҲМ дар ҳисоботи молиявии объекти бадастовардашуда талаб карда мешавад.

---

2 Ин тағйиротҳо аз нав гурӯҳбандӣ ё ба категорияи дороиҳои ғайримоддӣ дохил мешаванд, ки гудвилл тибқи ПУБМ қаблӣ ҳамчун дорои эътироф карда нашудааст. Ин вазъият дар сурате рух медиҳад, ки тибқи ПУБМ қаблӣ, ташкилот: (а) гудвилро мустақиман аз сармоя тарҳ карда бошад ё (б) муттаҳидсозии тиҷории дахлдорро ҳамчун харид ба инобат нагирифта бошад.


© Фонди СБҲМ

(е) Арзиши тавозунии гудвил дар ҳисоботи ифтитоҳӣ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ бояд арзиши тавозунии он бошад, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда дар санаи гузариш ба СБҲМ пас аз ду тасҳеҳи зерин муайян карда мешавад:

(i) агар талаботи дар зербанди (в)(i) татбиқ карда шавад, корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ бояд арзиши тавозунии гудвилро ҳангоми аз нав гурӯҳбандӣ намудани моддае, ки ҳамчун дороии ғайримоддӣ эътироф шудааст, тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда зиёд кунад. Ба ҳамин монанд, агар корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ тибқи талаботи зикрнамудаи зербанди (д) бояд дороии ғайримоддӣ эътироф намояд, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда ҳамчун қисми гудвил эътироф шуда буд, пас ин корхона бояд мутобиқан арзиши тавозунии гудвилро кам кунад (ва агар қобили қабул бошад, бузургии андози батаъхиргузошташуда ва ҳиссаи иштироки ғайриназоратиро тасҳеҳ намояд);

( ii ) новобаста аз мавҷудияти ягон гуна аломатҳои эҳтимолии беқурбшавии гудвил корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ бояд СББМ 36-ро татбиқ намояд ва гудвилро дар санаи гузариш ба СБҲМ барои беқурбшавӣ санҷида, ҳама гуна зарари аз беқурбшавӣ ба вуқӯъомадаро ҳамчун қисми фоидаи тақсимнашуда эътироф намояд (ё, агар ин тибқи СББМ 36 талаб карда шавад - тибқи моддаи "афзоиши арзиш аз азнаварзёбӣ"). Санҷиши беқурбшавӣ бояд бо шартҳое асос ёбанд, ки дар санаи гузариш ба СБҲМ мавҷуд буданд.

(ё) Ба арзиши тавозунии гудвил дар санаи гузариш ба СБҲМ ягон тасҳеҳоти дигар набояд ворид карда шавад. Масалан, корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ набояд арзиши тавозунииии гудвилро аз нав ҳисоб намояд:

(i) бо мақсади хориҷ намудани тадқиқот ва коркардҳои нотамом, ки дар доираи қарордоди мазкур вобаста ба муттаҳидсозии тиҷорат ба даст оварда шудаанд (ба истиснои ҳолатҳое, ки дороии дахлдори ғайримоддӣ ба меъёрҳои СББМ 38 ҷиҳати эътирофи он дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявии корхонаи бадастовардашуда ҷавобгӯй бошад);

(ii) бо мақсади тасҳеҳ намудани истеҳлоки қаблии гудвил;

(iii) бо мақсади бекор тасҳеҳоти гудвил, ки онро шояд СБҲМ 3 иҷозат намедиҳад, вале тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда дар натиҷаи тасҳеҳоти дороиҳо ва уҳдадориҳо байни санаи муттаҳидсозии тиҷорат ва санаи гузариш ба СБҲМ анҷом дода шудаанд.

(ж) Агар корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ гудвилро тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда ҳамчун тарҳ аз сармояи хусусӣ эътироф намояд, пас:

(i) он чунин гудвилро дар ҳисоботи ифтитоҳии худ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ эътироф намекунад; Илова бар ин, он набояд он гудвилро дар таркиби фоида ё зарар, дар сурати хориҷшавии корхонаи фаръӣ ё дар мавриди беқурбшавии сармоягузорӣ дар он корхонаи фаръӣ, аз нав гурӯҳбандӣ намояд;

(ii) тасҳеҳоти марбут бо ҳалли минбаъдаи ҳолатҳое, ки тибқи онҳо бузургии ҷуброни дар вақти харид пардохтшаванда қайду шарт гардида, бояд дар таркиби фоидаи тақсимнашуда эътироф карда шавад.

(з) эҳтимол меравад тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ корхонаи фаръии дар доираи қарордоди қаблии вобаста ба муттаҳидсозии тиҷорат бадастомадаро муттаҳид накунад (масалан, аз сабаби он, ки корхонаи асосӣ онро тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда ҳамчун як корхонаи фаръӣ баррасӣ накардааст ё аз сабаби он, ки корхонаи асосӣ ҳисоботи молиявии маҷмуӣ тартиб надодааст). Корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ бояд арзиши тавозунии дороиҳо ва уҳдадориҳои корхонаи фаръиро ба он маблағҳое, ки СБҲМ талаб менамояд, ки дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявии корхонаи фаръӣ ҳисобот диҳад, ислоҳ кунад. Арзиши аввалияи шартии гудвил дар санаи гузариш ба СБҲМ ба фарқияти байни инҳо баробар мебошад:

(i) ҳиссаи корхонаи асосӣ дар бузургиҳои зикршудаи арзиши тавозунии тасҳеҳшуда;

(ii) арзиши аввалияи сармоягузорӣ дар ин корхонаи фаръӣ, ки дар ҳисоботи молиявии алоҳидаи корхонаи асосӣ инъикос ёфтааст.

(и) Арзёбии ҳиссаи иштироки ғайриназоратӣ ва андози батаъхиргузошташуда аз арзёбии дороиҳо ва уҳдадориҳои дигар вобаста мебошад. Аз ин рӯ, тасҳеҳоти зикршудаи дороиҳо

© Фонди СБҲМ

ва уҳдадориҳои эътирофшуда ба нишондиҳандаҳои ҳиссаи иштироки ғайриназоратӣ ва андози батаъхиргузошташуда таъсир мерасонанд.

B5 Озодкуние, ки нисбат ба ҳолатҳои қаблии муттаҳидсозии тиҷорат пешбинӣ шудааст, инчунин ба қарордодҳои пешинаи бо бадастории сармоягузорӣ алоқаманд, дар иттиҳодияҳо ва ҳиссаи иштирок дар ширкатҳои муштарак паҳн мегардад. Илова бар ин, санаи интихобкардаи корхона дар тибқи банди B1 нисбат ба ҳамаи чунин харидҳо баробар татбиқ мегардад.



© Фонди СБҲМ

# Замимаи Г
# Озод будан (озодкунӣ) аз талаботи дигар СБҲМ-ҳо

*Замимаи мазкур қисмати ҷудонопазири СБҲМ-и зерин маҳсуб меёбад.*

Г1 Корхона метавонад дар бораи истифодаи як ё якчанд озодкуниҳои зерин қарор қабул намояд:

(а) амалиёти марбут ба пардохтҳо дар асоси саҳмияҳо (бандҳои Г2 ва Г3);

(б) [Соқит шудааст]

(в) арзиши аввалияи шартӣ (бандҳои Г5-Г8Б);

(г) шартномаҳои иҷора (бандҳои Г9 ва Г9А);

(ғ) [Соқит шудааст]

(д) фарқиятҳои ҷамъшудаи қурби асъори марбут ба сармоягузорӣ дар бахшҳои хориҷӣ (бандҳои Г12 ва Г13);

(е) сармоягузорӣ ба корхонаҳои фаръӣ, ширкатҳои муштарак ва иттиҳодияҳо (бандҳои Г14 ва Г15);

(ё) дороиҳо ва ухдадориҳои корхонаҳои фаръӣ, иттиҳодияҳо ва ширкатҳои муштарак (бандҳои Г16 ва Г17);

(ж) воситаҳои молиявии таркибӣ (банди Г18);

(з) гурӯҳбандии воситаҳои молиявии қаблан эътирофшуда тибқи салоҳдиди корхона (банди Г19);

(и) арзёбии дороиҳои молиявӣ ё ухдадориҳои молиявӣ тибқи арзиши одилона ҳангоми эътирофи аввалия (банди Г20);

(й) ухдадориҳои марбут ба хориҷ намудани объектҳо аз истифода, ки ба арзиши аввалияи воситаҳои асосӣ дохил карда шудаанд (бандҳои Г21 ва Г21А);

(к) дороиҳои молиявӣ ё дороиҳои ғайримоддӣ, ки тибқи Тафсироти КТҲМБ 12 *«Созишномаи консессионӣ дар бораи хизматрасонӣ»* ба эътибор гирифта мешаванд (банди Г22);

(л) хароҷоти марбут ба қарзгирӣ (банди Г23);

(м) [Соқит шудааст]

(н) пардохт намудани ухдадориҳои молиявӣ тавассути воситаҳои ҳиссавӣ (банди Г25);

(о) таварруми шадид (бандҳои Г26–Г30);

(п) соҳибкории муштарак (банди Г31);

(р) хароҷот барои корҳои қабаткушоӣ дар марҳилаи баистифодадиҳии конҳои ба таври кушод коркардшаванда (банди Г32).

(с) гурӯҳбандии шартномаҳои харид ё фурӯши объекти ғайримолиявӣ тибқи салоҳдиди корхона (банди Г33);

(т) даромад аз фурӯш (бандҳои Г34 ва Г35);

(у) амалиёт бо асъори хориҷӣ ва пешпардохт (банди Г36 ).

Корхона набояд ин озодкуниҳоро дар муқоиса бо дигар моддаҳо истифода намояд.

## Амалиёти марбут ба пардохтҳо дар асоси саҳмияҳо

Г2 Қобили қабул мебошад, аммо талаб карда намешавад, ки корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ СБҲМ 2 «Пардохт дар асоси саҳм»-ро нисбат ба воситаҳои ҳиссавӣ, ки ҳуқуқ ба онҳо дар 7 ноябри соли 2002 ё то ин сана пешниҳод гардидааст, татбиқ намояд. Инчунин қобили қабул мебошад, аммо талаб карда намешавад, ки корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ СБҲМ 2-ро нисбат ба воситаҳои ҳиссавӣ, ки ҳуқуқ ба онҳо пас аз 7 ноябри соли 2002 пешниҳод шудааст ва гузариши онҳо то фарорасии санаи дертар аз санаҳои зикршуда анҷом пазируфта бошад, татбиқ намояд: (а) санаи гузариш ба СБҲМ ва (б) 1 январи соли 2005. Аммо, агар корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ қарор қабул намояд, ки нисбат ба чунин воситаҳои ҳиссавӣ СБҲМ 2 татбиқ карда шавад, он метавонад онро танҳо дар сурате иҷро намояд, агар аз ҷониби корхона маълумот дар бораи арзиши одилонаи ин воситаҳои ҳиссавии дар санаи арзёбӣ муқарраршуда, чӣ тавре, ки дар

СБҲМ 2 муқаррар шудааст, аллакай ифшо гардида бошад. Дар робита бо тамоми ҳуқуқҳое, ки ба воситаҳои ҳиссавӣ пешниҳод шудаанд, ки нисбат ба онҳо СБҲМ 2 татбиқ нашудааст (масалан, воситаҳои ҳиссавӣ, ки ҳуқуқ ба онҳо дар 7 ноябри соли 2002 ё то ин сана пешниҳод шудааст), корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ ба ҳар ҳол бояд иттилоотеро, ки бандҳои 44 ва 45 СБҲМ 2 талаб менамоянд, ифшо намояд. Агар корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ мӯҳлат ё шартҳои пешниҳоди ҳуқуқ ба воситаҳои ҳиссавиро, ки нисбат ба онҳо СБҲМ 2 татбиқ карда нашудааст, тағйир диҳад, аз корхона талаб карда намешавад, ки бандҳои 26-29-и СБҲМ 2 татбиқ намояд, агар ин тағйирот қабл аз санаи гузариш ба СБҲМ рух дода бошад.

Г3 Қобили қабул мебошад, аммо талаб карда намешавад, ки корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ нисбат ба ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи амалиёти марбут ба пардохтҳо дар асоси саҳмияҳо ба вуҷуд омада, то санаи гузариш ба СБҲМ танзим гардидаанд, СБҲМ 2-ро татбиқ намояд. Инчунин қобили қабул мебошад, аммо талаб карда намешавад, ки корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ нисбат ба ӯҳдадориҳое, ки то 1 январи соли 2005 танзим шудаанд, СБҲМ 2-ро татбиқ намояд. Дар робита ба ӯҳдадориҳое, ки нисбати онҳо СБҲМ 2 татбиқ мешавад, аз корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ талаб карда намешавад, ки маълумоти муқоисавиро аз нав нишон диҳад, агар ин маълумот ба давра ё санаи то 7 ноябри соли 2002 тааллуқ дошта бошад.

Г4 [Соқит шудааст]

## Арзиши аввалияи шартӣ

Г5 Корхона ҳуқуқ дорад объекти воситаҳои асосиро аз рӯйи арзиши одилона дар санаи гузариш ба СБҲМ арзёбӣ намояд ва арзиши одилонаи ин объектро ба сифати арзиши аввалияи шартии он дар санаи зикршуда истифода намояд.

Г6 Корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ ҳуқуқ дорад қарор қабул намояд, ки арзиши тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда арзёбигардидаи объекти воситаҳои асосиро, ки дар санаи гузариш ба СБҲМ ё то санаи гузариш ба СБҲМ муқаррар шудааст, ҳамчун арзиши аввалияи шартии ин объект дар санаи азнавarзёбӣ истифода намояд, агар дар санаи азнавarзёбӣ арзиши азнавarзёбишаванда дар маҷмуъ бо инҳо муқоисашаванда бошад:

(а) бо арзиши одилона;

(б) бо арзиши аввалия ё арзиши истеҳлок тибқи СБҲМ, ки ҷиҳати инъикос тасҳеҳ шудааст, масалан, тағйирот дар шохиси умумӣ ё шохиси махсуси нарх.

Г7 Имконияти интихоб, ки дар бандҳои Г5 ва Г6 тавсиф шудааст, инчунин дар робита бо инҳо дастрас мебошад:

(а) моликияти сармоягузорӣ, агар корхона мувофиқи СББМ 40 *«Амволи сармоягузорӣ»* истифода бурдани усули баҳисобгирӣ аз рӯйи арзиши аввалияро интихоб намояд;

(аа ) дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода (СБҲМ 16 *«Иҷора»*);

(б) дороиҳои ғайримоддӣ, ки нисбат ба инҳо ҷавобгӯй мебошанд:

(i) меъёрҳои эътироф, ки дар СББМ 38 пешбинӣ шудаанд (аз ҷумла, арзёбии боэътимоди арзиши аввалия);

(ii) меъёрҳои СББМ 38, ки барои азнавarзёбӣ пешбинӣ шудаанд (аз ҷумла, мавҷудияти бозори фаъол).

Корхона наметавонад ин имконияти интихобро нисбат ба дороиҳои дигар ё нисбат ба ӯҳдадориҳо истифода намояд.

Г8 Имкон вуҷуд дорад, ки корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ арзиши аввалияи шартии баъзе ё ҳама дороиҳо ва ӯҳдадориҳои худро тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда тавассути арзёбӣ намудани онҳо бо арзиши одилона дар санаи мушаххас дар натиҷаи ягон гуна рӯйдод, ба монанди хусусигардонӣ ё ҷойгиркунии аввалияи саҳмияҳо муқаррар карда бошад.

(а) агар санаи арзёбӣ *санаи гузариш* ба СБҲМ ё санаи хеле пештар бошад, корхона метавонад чунин арзёбии арзиши одилонаро, ки дар натиҷаи рӯйдоди муайян ба вуҷуд омадааст, ҳамчун арзиши аввалияи шартӣ барои мақсадҳои СБҲМ дар санаи арзёбии зикршуда истифода намояд.

(б) агар санаи арзёбӣ нисбат ба санаи гузариш ба СБҲМ хеле *дертар*, валекин дар муддати давраи фарогири аввалин ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ бошад, арзёбии арзиши одилонаи тавассути рӯйдоди муайян бавуҷудомада метавонад ҳамчун арзиши аввалияи шартӣ дар санаи рӯйдоди дахлдор истифода шавад. Корхона бояд тасҳеҳоти мустақиман дар таркиби фоидаи тақсимнашуда бавуҷудомадаро (ё агар мувофиқ бошад, дар дигар

гурӯҳи сармояи хусусӣ) дар санаи мувофиқи арзёбӣ эътироф намояд. Дар санаи гузариш ба СБҲМ корхона бояд ё арзиши аввалияи шартиро бо истифода аз меъёрҳои дар бандҳои Г5-Г7 зикршуда муқаррар кунад ё дороиҳо ва уҳдадориҳоро тибқи дигар талаботи Стандарти мазкур арзёбӣ намояд.

Г8А Тибқи талаботи баъзе низоми баҳисобгирии миллӣ хароҷоти марбут ба иктишоф ва коркарди минтақаҳои нафту газ дар марҳилаҳои коркард ё истихроҷ дар марказҳои хароҷот, ки тамоми минтақаҳои истихроҷи маъданро дар як минтақаи бузурги ҷуғрофӣ фаро мегиранд, ба эътибор гирифта мешавад. Корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ, ки чунин тартиби баҳисобгириро тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда истифода кардааст, метавонад қарор қабул намояд, ки дороиҳои нафту газро дар санаи гузариш ба СБҲМ ба таври зерин мавриди арзёбӣ қарор диҳад:

(а) дороиҳои ба иктишоф ва арзёбӣ алоқаманд – бо бузургие, ки корхона тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда муайян кардааст;

(б) дороиҳо дар марҳилаи коркард ё истихроҷ – бо бузургие, ки аз ҷониби корхона барои маркази дахлдори хароҷот дар доираи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда муайян шудаанд. Корхона бояд ин бузургиро ба дороиҳои асосии ин маркази хароҷот мутаносибан ба ҳаҷм ё арзиши захираҳои нафту газ дар он сана ҷудо кунад.

Корхона бояд дороиҳои ба иктишоф ва арзёбӣ алоқаманд, инчунин, дороиҳоеро, ки дар марҳилаҳои коркард ва истихроҷ қарор доранд, барои беқурбшавӣ дар санаи гузариш ба СБҲМ тибқи СБҲМ 6 *«Иктишоф ва арзёбии захираи канданиҳои фоиданок»* ё СБҲМ 36 санҷида бараояд ва мутаносибан, дар ҳолати зарурӣ, бузургиеро, ки мувофиқи зербандҳои (а) ё (б) муайян карда шудааст, коҳиш диҳад. Барои мақсадҳои ин банд дороиҳои нафту газ танҳо он дороиҳоеро дар бар мегиранд, ки ҳангоми иктишоф, арзёбӣ, коркард ё истихроҷи нафту газ истифода мешаванд.

Г8Б Баъзе корхона дорои объекти воситаҳои асосӣ ё дороиҳои ғайримоддӣ мебошанд, ки қаблан дар фаъолияти таҳти танзими тарофавӣ истифода мешаванд ё истифода мешуданд. Арзиши тавозунии чунин объектҳо метавонад маблағҳоеро дар бар гирад, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда муайййян шудаанд, вале меъёрҳои сармояфузуниро тибқи СБҲМ қонеъ намекунанд. Дар ин ҳолат корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ ҳуқуқ дорад, ки дар бораи истифодаи арзиши тавозунии чунин объект, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда дар санаи гузариш ба СБҲМ муқаррар шудааст, ҳамчун арзиши аввалияи шартӣ қарор қабул намояд. Агар корхона ин озодкуниро нисбат ба ягон объект татбиқ намояд, барояш зарурат вуҷуд надорад, ки онро нисбат ба ҳама объектҳо татбиқ намояд. Дар санаи гузариш ба СБҲМ корхона бояд тибқи СББМ 36 ҳар як объектро, ки барои онҳо озодкунӣ истифода мешавад, барои беқурбшавӣ санҷиш намояд. Барои мақсадҳои ҳамин банд фаъолият бояд таҳти танзими тарофавӣ қароргирифта ба ҳисоб равад, агар он ба пешниҳоди мол ё хизматрасонӣ ба муштариён равона гардида, бо нарх (*яъне тарофаҳо*) аз ҷониби мақоми танзимкунандаи дорои салоҳдиди муқаррар намудани тарофа муайян шуда бошад ва барои муштариён ҳатмӣ буда, ба он тарз ҳисоб карда шавад, то ин, ки корхона хароҷоти муайянеро, ки ҳангоми пешниҳоди мол ё хизматрасонии танзимшаванда сарф кардааст, ҷуброн кунад ва сатҳи даромади барои он муқарраршударо таъмин намояд. Сатҳи даромади муқарраршуда метавонад ҳамчун ҳадди ақалл ё доираи муқарраршуда муайян карда шавад ва ҳатман даромади собит ё кафолатнок намебошад.

## Шартномаҳои иҷора

Г9 Корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ метавонад муқаррароти интиқолиро, ки тавассути Тафсироти КТҲМБ «Муайянсозии мавҷудияти аломатҳои иҷора дар созишнома» пешбинӣ шудааст, татбиқ намояд. Аз ин рӯ, масъалаи мавҷудияти аломатҳои иҷора дар шартномаро дар санаи гузариш ба СБҲМ метавонад корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ дар асоси далелҳо ва ҳолатҳои дар он сана мавҷудбуда ҳал кунад.

Г9А [Соқит шудааст]

Г9Б Ҳангоме, ки корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ, ки иҷорагир мебошад, уҳдадориҳои марбут ба иҷора ва дороиҳои шакли ҳуқуқи истифодаро эътироф менамояд, он метавонад муносибати зеринро нисбат ба ҳама шартномаҳои иҷораи худ истифода намояд (бо назардошти соддакунии хусусиятҳои амалии дар банди Г9Г тавсифшуда):

(а) арзёби намудани уҳдадориҳои марбут ба иҷора дар санаи гузариш ба СБҲМ. Иҷорагире, ки ин муносибатро қабул менамояд, бояд уҳдадории марбут ба иҷораро бо арзиши воқеии пардохтҳои боқимондаи иҷораи (ба банди Г9Ғ нигаред) бо истифода аз меъёри ҷалби воситаҳои иловагии қарзии иҷорагир тахфифёфта (ба банди Г9Ғ нигаред) дар санаи гузариш ба СБҲМ арзёбӣ намояд;

(б) арзёбӣ намудани доройӣ дар шакли ҳуқуқи истифода дар санаи гузариш ба СБҲМ. Барои ҳар як шартномаи иҷора иҷорагир бояд дар бораи арзёбии доройӣ дар шакли ҳуқуқи истифода қарор қабул намояд:

(i) арзёбӣ намудани доройӣ дар шакли ҳуқуқи истифода дар санаи гузариш ба СБҲМ. Барои ҳар як шартномаи иҷора иҷорагир бояд дар бораи арзёбии доройӣ дар шакли ҳуқуқи истифода қарор қабул намояд:

(ii) ё аз рӯйи арзиши тавозунии он ба он тарз, агар СБҲМ 16 аз санаи оғози иҷора татбиқ шуда бошад (ба банди Г9Ғ нигаред), вале бо истифода аз меъёри ҷалби воситаҳои иловагии қарзии иҷорагир тахфифёфта дар санаи гузариш ба СБҲМ;

(в) СББМ 36-ро нисбат ба дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода дар санаи гузариш ба СБҲМ татбиқ намояд.

Г9В Новобаста аз талаботи банди Г9Б корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ, ки иҷорагир маҳсуб меёбад, бояд доройӣ дар шакли ҳуқуқи истифодаро аз рӯйи арзиши одилона дар санаи гузариш ба СБҲМ, дар мавриди шартномаҳои иҷора, ки муқаррароти амволи сармоягузориро дар СББМ 40 қонеъ менамоянд ва бо истифода аз усули баҳисобгирӣ аз рӯйи арзиши одилона дар СББМ 40 аз санаи гузариш ба СБҲМ арзёбӣ мегарданд, мавриди арзёбӣ қарор диҳанд.

Г9Г Корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ, ки иҷорагир мебошад, метавонад яке аз тартибҳои зерини амалро дар санаи гузариш ба СБҲМ барои ҳар як иҷора дошта бошад:

(а) як меъёри тахфифро нисбат ба портфели шартномаҳои иҷораи дорои хусусиятҳои ба таври асоснок ҳаммонанд татбиқ намояд (масалан, шартномаҳои иҷора бо муҳлати иҷораи боқимондаи ҳаммонанд барои намуди ҳаммонанди дороиҳои асосӣ дар шароити шабеҳи иқтисодӣ);

(б) талаботи банди Г9Б-ро нисбат ба шартномаҳои иҷора, ки муҳлати иҷораи онҳо (ба банди Г9Ғ нигаред) дар давоми 12 моҳи баъд аз санаи татбиқи аввалия ба охир мерасад, татбиқ накунад. Бар ивази ин корхона бояд чунин шартномаҳои иҷораро (аз ҷумла, ифшои маълумот дар бораи чунин шартномаҳо) тибқи банди 6 СБҲМ 16 ба эътибор гирад;

(в) талаботи банди Г9Б-ро нисбат ба шартномаҳои иҷора, ки дар онҳо дороии асосӣ арзиши паст дорад (чӣ тавре, ки дар бандҳои Б3-Б8-и СБҲМ 16 тавсиф шудааст) татбиқ накунад. Бар ивази ин корхона бояд чунин шартномаҳои иҷораро (аз ҷумла, ифшои маълумот дар бораи чунин шартномаҳои иҷора) тибқи банди 6 СБҲМ 16 ба эътибор гирад;

(г) хароҷоти мустақими аввалияро (ба банди Г9Ғ нигаред) аз арзёбии доройӣ дар шакли ҳуқуқи истифода дар санаи гузариш ба СБҲМ истисно кунад;

(ғ) мулоҳизаро бо санаи қаблӣ истифода намояд, масалан, ҳангоми муайян намудани муҳлати иҷора, агар дар шартнома опсионҳо барои тамдид ё қатъ намудани иҷора мавҷуд бошанд.

Г9Ғ Истилоҳоти "пардохтҳои иҷоравӣ", "иҷора", "меъёри ҷалби воситаҳои қарзии иловагии иҷорагир", "санаи оғози иҷора", "хароҷоти мустақими аввалия" ва "муҳлати иҷора" дар СБҲМ 16 муайян карда шудаанд ва дар Стандарти мазкур ба ҳамон маъно истифода мешаванд.

Г10–Г11 [Соқит шудаанд]

## Фарқиятҳои ҷамъшудаи қурби асъор аз рӯйи сармоягузориҳо дар бахшҳои хориҷӣ

Г12 СББМ 21 аз корхона талаб менамояд, ки:

(а) баъзе фарқиятҳои қурби асъорро дар таркиби дигар маҷмуи даромад эътироф намуда, онҳоро дар таркиби ҷузъи алоҳидаи сармояи хусусӣ ҷамъоварӣ кунад;

(б) ҳангоми хориҷшавии бахши хориҷӣ бузургии ҷамъшудаи фарқиятҳои қурби асъорро вобаста ба ин бахши хориҷӣ (аз ҷумла, агар қобили қабул бошад, фоида ва зарарро вобаста ба воситаҳои хеҷчинамоии дахлдор) аз таркиби сармояи хусусӣ ба таркиби фоида ё зарар ҳамчун қисмати фоида ё зарар аз хориҷшавӣ аз нав гурӯҳбандӣ намояд.

Г13 Бо вуҷуди ин, барои корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ зарурат вуҷуд надорад, ки ин талаботро нисбат ба фарқиятҳои ҷамъшудаи қурби асъор, ки дар санаи гузариш ба СБҲМ мавҷуд буданд, риоя кунад. Агар корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ аз озодкунии зерин истифода намояд, пас:

(а) фарқиятҳои ҷамъшудаи қурби асъор нисбат ба ҳама бахшҳои хориҷӣ бояд дар санаи гузариш ба СБҲМ ҳамчун ба сифр баробар баррасӣ карда шаванд;


© Фонди СБҲМ

(б) ҳангоми ҳисоббаробарии фоида ё зарар аз хориҷшавии минбаъдаи ҳама гуна бахши хориҷӣ бояд фарқиятҳои қурби асъор, ки то санаи гузариш ба СБҲМ ба вуҷуд омадаанд, хориҷ карда шаванд ва фарқиятҳои қурби асъор, ки пас аз ин сана ба вуҷуд омаданд, бояд дохил карда шаванд.

Г13А Бар ивази татбиқи банди Г12 ё банди Г13 корхонаи фаръӣ, ки озодкунии дар банди Г16(а) пешбининамударо истифода мебарад, метавонад дар ин бора қарор қабул намояд, ки фарқиятҳои ҷамъшудаи қурби асъорро барои ҳама бахшҳои хориҷӣ дар ҳисоботи молиявии худ бо арзиши тавозунӣ, ки ба ҳисоботи молиявии маҷмуии корхонаи асосӣ, дар натиҷа санаи гузариши корхонаи асосӣ ба СБҲМ, ворид карда мешуданд, арзёбӣ намояд, агар бо мақсади маҷмуӣ ва инъикоси натиҷаҳои муттаҳидсозии тиҷорат, ки дар доираи он корхонаи асосӣ корхонаи зикршудаи фаръиро ба даст овардааст, ягон тасҳеҳот анҷом нашуда бошад. Имконияти ҳаммонанди интихоб дар иттиҳодия ё ширкати муштарак вуҷуд дорад, ки озодкунии дар банди Г16(а) пешбинишударо истифода мебаранд.

## Сармоягузорӣ ба корхонаҳои фаръӣ, ширкатҳои муштарак ва иттиҳодияҳо

Г14 Ҳангоме, ки корхона ҳисоботи молиявии алоҳидаро таҳия менамояд, он бояд сармоягузориҳои худро дар корхонаҳои фаръӣ, ширкатҳои муштарак ва иттиҳодия тибқи СББМ 27 (бо назардошти тағйирот дар соли 2008) ба эътибор гирад:

(а) ё аз рӯйи арзиши аввалия;

(б) ё тибқи СББМ 39;

(в) ё бо истифода аз усули иштироки ҳиссавӣ, ки дар СББМ 28 тавсиф шудааст.

Г15 Агар корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ чунин сармоягузориро аз рӯйи арзиши аввалия тибқи СБҲМ 27 арзёбӣ намояд, пас он дар ҳисоботи ифтитоҳии худ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ сармоягузории зикршударо дар яке аз маблағҳои зерин арзёбӣ менамояд:

(а) арзиши аввалия, ки тибқи СББМ 27 муқаррар шудааст;

(б) арзиши аввалияи шартӣ. Арзиши аввалияи шартии чунин сармоягузорӣ бояд аз инҳо иборат бошад:

(i) арзиши одилона дар санаи гузариш ба СБҲМ дар ҳисоботи молиявии алоҳидаи ин корхона; ё

(ii) арзиши тавозунӣ, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда дар ҳамон сана муқаррар карда шудааст.

Корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ метавонад яке аз муносибатҳои дар зербандҳои (i) ва (ii) зикршударо ҷиҳати арзёбӣ намудани сармоягузорӣ ба ҳар як корхонаи фаръӣ, иттиҳодия ё ширкати муштарак интихоб намояд, ки корхона бо истифода аз арзиши аввалияи шартӣ арзёбӣ намудани онро ҳал менамояд.

Г15А Агар корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ чунин сармоягузориро бо истифода аз усули иштироки ҳиссавӣ, ки дар СББМ 28 тавсиф шудааст, ба эътибор гирад:

(а) корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ дар робита бо хариди чунин сармоягузорӣ аз озодкуние, ки барои қарордодҳои қаблӣ вобаста ба муттаҳидсозии тиҷорат пешбинӣ шудааст, истифода мебарад (Замимаи В).

(б) агар корхона ба корхонае мубаддал гардад, ки бори аввал СБҲМ-ро барои мақсадҳои ҳисоботи молиявии алоҳидаи худ дар санаи пештар нисбат ба ҳадафҳои ҳисоботи молиявии маҷмуии худ татбиқ менамояд ва

(i) дар санаи дертар аз корхонаи асосии худ, корхона бояд банди Г16-ро дар ҳисоботи молиявии алоҳидаи худ татбиқ намояд,

(ii) дар санаи дертар аз корхонаи фаръии худ, корхона бояд банди Г17-ро дар ҳисоботи молиявии алоҳидаи худ татбиқ намояд.

## Дороиҳо ва уҳдадориҳои корхонаҳои фаръӣ, иттиҳодияҳо ва ширкатҳои муштарак

Г16 Агар корхонаи фаръӣ бори аввал СБҲМ-ро дертар аз корхонаи асосии худ татбиқ намояд, пас ин корхонаи фаръӣ бояд дороиҳо ва уҳдадориҳоро дар ҳисоботи молиявии худ арзёбӣ намояд:

(а) ё аз рӯйи арзиши тавозунӣ, ки онҳо ба ҳисоботи молиявии маҷмуии корхона дар асоси санаи гузариши корхонаи асосӣ ба СБҲМ дохил карда мешуданд, агар ягон тасҳеҳ бо мақсади маҷмуӣ ва инъикоси натиҷаҳои муттаҳидсозии тиҷорат, ки дар доираи он корхонаи асосӣ корхонаи фаръии зикршударо ба даст овардааст, ворид карда нашуда бошад (намунаи зерини арзёбӣ барои сохтори фаръии корхонаи сармоягузорӣ, чӣ тавре, ки ин истилоҳ дар СБҲМ 10 муайян карда шудааст, мавҷуд намебошад, зеро талаб карда мешавад, ки он аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда шавад);

(б) ё аз рӯйи арзиши тавозунӣ, ки тибқи талаботи муқаррароти боқимондаи Стандарти мазкур дар асоси санаи гузариши корхонаи фаръӣ ба СБҲМ муайян карда мешавад. Арзиши тавозунии зикршуда метавонад аз арзиши дар зербанди (а) тавсифшуда фарқ кунад:

  (i) ҳангоме, ки озодкуниҳои дар Стандарти мазкур пешбинишуда боиси арзёбиҳое мешаванд, ки аз санаи гузариш ба СБҲМ вобаста мебошанд;

  (ii) ҳангоме, ки сиёсати баҳисобгирии дар мавриди таҳияи ҳисоботи молиявии корхонаи фаръӣ истифодашаванда аз сиёсати баҳисобгирӣ, ки ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ истифода мешавад, фарқ менамоянд. Масалан, сиёсати баҳисобгирии корхонаи фаръӣ метавонад истифодаи усули арзёбиро тибқи СББМ 16 *«Воситаҳои асосӣ»* пешбинӣ кунад, дар ҳоле ки гурӯҳ метавонад усули арзиши азнаварзёбишударо истифода намояд.

Имконияти нтихоби ҳаммонанд барои иттиҳодия ё ширкати муштарак мавҷуд мебошад, ки бори аввал СБҲМ-ро дертар қабул менамоянд, нисбат ба корхонае, ки дорои таъсири назаррас мебошад ё аз болои онҳо назорати муштарак дорад.

Г17 Аммо, агар корхона бори аввал СБҲМ-ро дертар аз корхонаи фаръии худ (ё иттиҳодия ё ширкати муштарак) татбиқ намояд, он корхона бояд дар ҳисоботи молиявии маҷмуии худ дороиҳо ва уҳдадориҳои корхонаи фаръии (ё иттиҳодия ё ширкати муштарак) худро бо ҳамон арзиши тавозунӣ арзёбӣ намояд, ки дар ҳисоботи молиявии он корхонаи фаръӣ (ё иттиҳодия ё ширкати муштарак) пас аз тасҳеҳи зарурӣ барои маҷмуӣ ҷиҳати истифода бурдани усули ҳиссавӣ ва инъикос намудани натиҷаҳои муттаҳидсозии тиҷорат, ки дар доираи он корхонаи асосӣ корхонаи фаръиро ба даст овардааст, инъикос намояд. Новобаста аз ин талабот, корхонаи асосӣ, ки корхонаи сармоягузорӣ маҳсуб намеёбад, наметавонад истисноро дар қисмати маҷмуии ҳатмӣ татбиқ намояд ва бо вуҷуди ин корхонаҳои фаръии он, ки корхонаи сармоягузорӣ мебошанд, истифода намоянд. Ҳамин тавр, агар корхонаи асосӣ, ки СБҲМ-ро бори аввал дар ҳисоботи молиявии алоҳидаи худ пештар ё баъдтар аз татбиқи аввалияи он дар ҳисоботи молиявии маҷмуии худ татбиқ намояд, корхона бояд дороиҳо ва уҳдадориҳои худро бо ҳамон як маблағ дар ҳарду ҳисоботи молиявӣ, ба истиснои тасҳеҳоти маҷмуӣ, арзёбӣ намояд.

## Воситаҳои молиявии таркибӣ

Г18 СББМ 32 *«Воситаҳои молиявӣ: пешниҳод»* аз корхона талаб менамояд, ки аз аввал воситаи молиявии таркибиро ба ҷузъҳои алоҳидаи қарзӣ ва ҳиссавӣ ҷудо кунад. Агар ҷузъи қарзӣ дигар пардохтнашуда маҳсуб наёбад, татбиқи СББМ 32 ба таври гузаштанигарӣ боиси зарурати ҷудосозии сармояи хусусӣ ба ду қисмат ҷудо мегардад. Як қисмати он ба фоидаи тақсимнашуда дохил гардида, дар худ фоизи ҷамъшудаи ба қисмати қарз ҳисобшударо ифода менамояд. Қисмати дигар ҷузъи аввалияи ҳиссавиро ифода менамояд. Аммо, тибқи Стандарти мазкур барои корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ зарурат вуҷуд надорад, ки ин ду қисматро ҷудо намояд, агар ҷузъи қарзӣ дар санаи гузариш ба СБҲМ аллакай пардохт шуда бошад.

## Гурӯҳбандии воситаҳои молиявии қаблан эътирофшуда

Г19 СБҲМ 9 ба корхона тибқи салоҳдиди он иҷозат медиҳад, ки ягон гуна уҳдадории молиявиро (ба шарте, ки ба меъёрҳои муқарраршуда мувофиқат намояд) ҳамчун уҳдадории молиявӣ аз рӯи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ намояд. Новобаста аз ин талабот, ба корхона иҷозат дода мешавад, ки дар санаи гузариш ба СБҲМ ҳама гуна уҳдадории молиявиро, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешавад, гурӯҳбандӣ намояд, ба шарте ки дар он сана уҳдадории ишорагардида ба меъёрҳои пешбининамудаи банди 4.2.2 СБҲМ 9 мувофиқат намояд.

Г19А Корхона ҳуқуқ дорад тибқи салоҳдиди худ тибқи банди 4.1.5 СБҲМ 9 дороии молиявиро, ки аз рӯи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар, дар асоси далелҳо ва ҳолатҳои дар санаи гузариш ба СБҲМ мавҷудбуда арзёбӣ карда мешаванд, гурӯҳбандӣ намояд.

 © Фонди СБҲМ

Г19Б Корхона ҳуқуқ дорад тибқи салоҳдиди худ сармоягузориро дар воситаи ҳиссавӣ, ки тибқи банди 5.7.5 СБҲМ 9 дар асоси далелҳо ва ҳолатҳое, ки дар санаи гузариш ба СБҲМ мавҷуд буда, бо арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад арзёбӣ карда мешавад, гурӯҳбандӣ намояд.

Г19В Дар мавриди уҳдадории молиявие, ки тибқи салоҳдиди корхона аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар гурӯҳбандӣ карда шудааст, корхона бояд муайян намояд, ки оё тартиби баҳисобгирии пешбининамудаи банди 5.7.7-и СБҲМ 9, дар натиҷаи номутобиқатии баҳисобгирӣ вобаста аз омилҳо ва ҳолатҳои дар санаи гузариш ба СБҲМ мавҷудбуда, ба тағйирёбии фоида ё зарар оварда мерасонад.

## Арзёбии дороиҳои молиявӣ ё уҳдадориҳои молиявӣ аз рӯйи арзиши одилона ҳангоми эътирофи аввалия

Г20 Новобаста аз талаботи бандҳои 7 ва 9 корхона ҳуқуқ дорад талаботи банди АЕ76(а)-и СББМ 39-ро ба тавриояндабинӣ нисбат ба қарордодҳое, ки дар санаи гузариш ба СБҲМ ё баъд аз он баста шудаанд, татбиқ намояд.

## Уҳдадориҳои марбут ба хориҷ намудани объектҳо аз истифода, ки ба арзиши аввалияи воситаҳои асосӣ дохил мешаванд

Г21 Тафсироти КТҲМБ 1 *«Тағйирот дар уҳдадориҳои мавҷуда вобаста ба хориҷ намудани объект аз истифода, беҳтарсозии муҳити зист ва уҳдадориҳои дигари ҳаммонанд»* талаб менамояд, ки тағйироти муайян дар бузургии уҳдадории марбут ба хориҷ намудани объектҳо аз истифода, беҳтарсозии муҳити зист ва уҳдадориҳои дигари ҳаммонанд арзиши аввалияи дороиеро, ки уҳдадорӣ бо он алоқаманд мебошад, зиёд ё кам намояд; оқибат бузургии истеҳлоки тасҳеҳшудаи дороии зикршуда ба тавриояндабинӣ дар тӯли муҳлати боқимондаи истифодаи муфиди он истеҳлок мегардад. Корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ уҳдадор намебошад, ки талаботи марбут ба тағйирот дар чунин уҳдадориҳоро, ки то санаи гузариш ба СБҲМ ба амал меоянд, иҷро намояд. Агар корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ ин озодкуниро истифода намояд, он бояд:

(а) уҳдадории алоқамандро дар санаи гузариш ба СБҲМ тибқи СББМ 37 арзёбӣ намояд;

(б) то он андозае, ки ин уҳдадорӣ ба доираи татбиқи Тафсироти КТҲМБ 1 ворид мешавад, арзёбии ҳисоббаробарии маблағеро, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани ин уҳдадорӣ ба арзиши аввалияи дороии дахлдор бо роҳи тахфиф намудани бузургии уҳдадорӣ то санаи зикршуда аз истифодаи беҳтарин арзёбии ҳисоббаробарии меъёри таърихӣ ё меъёрҳои тахфифии бо назардошти хавф тасҳеҳшударо ба анҷом расонад, ки дар давраҳои гузашта нисбат ба ин уҳдадорӣ татбиқ мегардиданд;

(в) истеҳлоки ҷамъшударо дар робита бо маблағи зикршуда дар санаи гузариш ба СБҲМ дар асоси арзёбии ҳисоббаробари ҷории истифодаи муфиди дороии дахлдор бо истифода аз сиёсати баҳисобгирии корхона вобаста ба истеҳлок, ки тибқи СБҲМ аз ҷониби корхона қабул гардидааст, ҳисоб намояд.

Г21А Корхонае, ки аз озодкунии дар банди Г8А(б) пешбинишуда истифода менамояд (барои дороиҳои нафту газ дар марҳилаҳои коркард ё истихроҷ, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда дар марказҳои хароҷот ба эътибор гирифта шуда, ҳама минтақаҳои истифодаи сарватҳои зеризаминиро дар як минтақаи бузурги ҷуғрофӣ дар бар мегиранд), бар ивази татбиқи банди Г21 ё Тафсироти КТҲМБ 1 бояд:

(а) уҳдадории марбут ба хориҷ намудани объектҳо аз истифода, беҳтарсозии муҳити зист ва уҳдадориҳои дигари ҳаммонандро дар санаи гузариш ба СБҲМ тибқи СББМ 37 арзёбӣ намояд;

(б) бевосита дар таркиби фоидаи тақсимнашуда ҳама гуна фарқияти байни бузургии арзёбишуда ва арзиши тавозунии ин уҳдадориҳоро дар санаи гузариш ба СБҲМ, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда муқаррар шудааст, эътироф намояд.

## Дороиҳои молиявӣ ё дороиҳои ғайримоддӣ, ки тибқи Тафсироти КТҲМБ 12 ба эътибор гирифта мешаванд

Г22 Корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ ҳуқуқ дорад муқаррароти интиқолии дар Тафсироти КТҲМБ 12 пешбинишударо татбиқ намояд.

## Харочот вобаста ба қарзгирӣ

Г23 Корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ метавонад интихоб намояд, ки талаботи СБҲМ 23-ро аз санаи гузариш ба СБҲМ ё аз санаи пештари пешбининамудаи банди 28 СБҲМ 23, татбиқ намояд. Аз ҳамон санае, ки корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ аз ин озодкунӣ истифода бурдааст, ба татбиқи СББМ 23 оғоз намуда, ин корхона :

(а) бояд ҷузъи харочоти вобаста ба қарзгириро, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда сармояфузунӣ шуда ва ба арзиши тавозунии дороиҳо дар он сана дохил карда шуда буд, мавриди азнавҳисобкунӣ қарор надиҳад;

(б) бояд харочоти вобаста ба қарзгириро, ки дар он сана ё баъд аз он мутобиқи СББМ 23 ба вуҷуд омадаанд, аз ҷумла, харочоти вобаста ба қарзгириро, ки дар ин сана ё баъд аз он ба даст омада, ба дороиҳои гурӯҳбандишаванда мансуб мебошанд ва аллакай дар марҳилаи сохтмон қарор доранд, ба эътибор гирад.

Г24 [Соқит шудааст]

## Пардохти (баргардонидани) уҳдадориҳои молиявӣ тавассути воситаҳои ҳиссавӣ

Г25 Корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ ҳуқуқ дорад муқаррароти интиқолии дар Тафсироти КТҲМБ 19 *«Ҷуброни уҳдадориҳои молиявӣ тавассути воситаҳои ҳиссагузорӣ»* пешбинишударо татбиқ намояд.

## Таварруми шадид

Г26 Агар асъори амалкунандаи корхона асъори кишвари дорои иқтисоди таваррум бошад, пас корхона бояд муайян намояд, ки оё ин асъор то санаи гузариш ба СБҲМ таҳти таварруми шадид қарор дошт ё надошт. Ин ба корхонаҳое дахл дорад, ки бори аввал СБҲМ-ро татбиқ менамоянд ва инчунин ба корхонаҳое дахл дорад, ки қаблан СБҲМ-ро татбиқ кардаанд.

Г27 Асъори кишвари дорои иқтисоди таваррум ба таварруми шадид гирифтор шудааст, агар ин ду хусусияти зерин ҷой дошта бошанд:

(а) барои ҳама корхонаҳое, ки дорои амалиёт ва бақия бо ин асъор мебошанд, шохиси боэътимоди умумии нарх вуҷуд надошта бошад;

(б) имкони мубодилаи байни ин асъор ва асъори нисбатан устувори хориҷӣ вуҷуд надошта бошад.

Г28 Асъори амалкунандаи корхона дар санаи ба эътидол омадани асъори амалкунанда дигар дар таҳти таваррум қарор намегирад. Яъне, дар санае, ки асъори амалкунанда дигар як ё ҳар ду хусусияти дар банди Г27 зикршударо надорад ё вақте, ки асъори амалкунандаи корхона ба асъоре табдил меёбад, ки ба таварруми шадид гирифтор намешавад.

Г29 Ҳангоме, ки санаи гузариши корхона ба СБҲМ бо санаи ба эътидол омадани асъори амалкунанда мувофиқат намояд ё баъд аз он фаро расад, корхона ҳуқуқ дорад ҷиҳати арзёбӣ намудани ҳама дороиҳо ва уҳдадориҳои то санаи ба эътидол омадани асъори амалкунанда мавҷудбуда аз рӯйи арзиши одилона дар санаи гузариш ба СБҲМ қарор қабул намояд. Корхона метавонад ин арзиши одилонаро ҳамчун арзиши аввалияи шартии дороиҳо ва уҳдадориҳои зикршуда дар ҳисоботи ифтитоҳӣ дар бораи ҳолати молиявӣ тибқи СБҲМ ба эътибор гирад.

Г30 Ҳангоме, ки санаи ба эътидол омадани асъори амалкунанда ба давраи муқоисавии 12 моҳа рост меояд, давомнокии давраи муқоисавӣ метавонад аз 12 моҳ камтар бошад, ба шарте, ки дар муддати ин давраи хеле кутоҳ маҷмуи пурраи ҳисоботи молиявӣ (ҷавобгӯй ба талаботи банди 10 СББМ 1) пешниҳод карда шавад.

## Соҳибкории муштарак

Г31 Корхона ии бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ ҳуқуқ дорад муқаррароти интиқолиро, ки СБҲМ 11 пешбинӣ кардааст, бо назардошти истисноҳои зерин истифода намояд:

(а) ҳангоми татбиқи муқаррароти интиқолии дар СБҲМ 11 пешбинишуда корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ муқаррароти зеринро дар санаи гузариш ба СБҲМ татбиқ менамояд;

 © Фонди СБҲМ

(б) ҳангоми гузариш аз усули маҷмуии мутаносиб ба усули иштироки ҳиссавӣ корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ сармоягузории дахлдорро барои беқурбшавӣ тибқи СБҲМ 36 дар санаи гузариш ба СБҲМ, новобаста аз мавҷудияти ҳар гуна нишонаи беқурбшавии эҳтимолии сармоягузории мазкур, санҷида мебарояд. Ҳама гуна бузургии беқурбшавии муқарраршуда бояд ҳамчун тасҳеҳот ба фоидаи тақсимнашуда дар санаи гузариш ба СБҲМ эътироф карда шавад.

## Хароҷот барои корҳои қабаткушоӣ дар марҳилаи баистифодадиҳии конҳои ба таври кушод коркардшаванда

Г32 Корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ ҳуқуқ дорад муқаррароти интиқолиро, ки тавассути бандҳои A1 то A4-и Тафсироти КТҲМБ 20 *«Хароҷот барои корҳои қабаткушоӣ дар марҳилаи баистифодадиҳии конҳои ба таври кушод коркардшаванда»* пешбинӣ шудааст, татбиқ намояд. Дастури бандҳои мазкурро дар санаи эътибор пайдо намудан бояд ҳамчун дастур аз санаи 1 январи соли 2013 ё санаи оғози давраи ҳисоботи аввалин тибқи СБҲМ, вобаста аз дертар фаро расидани яке аз онҳо, қабул намояд.

## Гурӯҳбандии шартномаҳои харид ё фурӯши объекти ғайримолиявӣ тибқи салоҳдиди корхона

Г33 СБҲМ 9 ба корхона иҷозат медиҳад тибқи салоҳдиди худ баъзе шартномаҳои харид ё фурӯши объекти ғайримолиявиро, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешаванд, ба санаи бастани он гурӯҳбандӣ намояд (ба банди 2.5 СБҲМ 9 нигаред). Новобаста аз ин талабот, корхона ҳуқуқ дорад тибқи салоҳдиди худ дар санаи гузариш ба СБҲМ шартномаҳои ба ин сана мавҷударо аз рӯи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар, вале танҳо дар он маврид, агар онҳо ба талаботи банди 2.5-и СБҲМ 9 дар санаи зикршуда мутобиқат намуда, корхона ҳама гурӯҳи шартномаҳои ҳаммонандро гурӯҳбандӣ намояд.

## Даромад аз фурӯш

Г34 Корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ метавонад муқаррароти интиқолии банди B5-и СБҲМ 15-ро истифода намояд. Дар бандҳои мазкур ибораи “санаи татбиқи аввалия” бояд ҳамчун оғози давраи ҳисоботӣ тибқи СБҲМ тафсир карда шавад. Агар корхонае, ки бори аввал СБҲМ-ро татбиқ менамояд, дар бораи татбиқи чунин муқаррароти интиқолӣ қарор қабул намояд, он бояд банди B6-и СБҲМ 15-ро низ татбиқ намояд.

Г35 Корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ набояд маълумоти марбут ба шартномаҳоеро, ки дар давраҳои пеш аз давраҳои пештари пешниҳодшуда ба анҷом расидаанд, аз нав ба эътибор гирад. Шартномаи анҷомёфта шартномаест, ки дар асоси он корхона ҳамаи мол ё хизматрасониро, ки тибқи ПУБМ-и қаблан татбиқшуда муқаррар шудааст, анҷом додааст.

## Амалиёт бо асъори хориҷӣ ва пешпардохт

Г36 Барои корхонаи бори аввал татбиққунандаи СБҲМ зарурат вуҷуд надорад, ки Тафсироти КТҲМБ 22 *«Амалиёт бо асъори хориҷӣ ва пешпардохт»*-ро нисбат ба дороиҳо, хароҷот ва даромадҳо дар доираи татбиқи тафсироти мазкур, ки аз ибтидо то санаи гузариш ба СБҲМ эътироф шудааст, татбиқ намояд.

## Замимаи Ғ

## Озодкунии кутоҳмуддат аз татбиқи талаботи СБҲМ

*Замимаи мазкур қисми ҷудонопазири СБҲМ маҳсуб меёбад.*

## Озодкунӣ аз зарурати азнавҳисобкунии маълумоти муқоисавӣ барои мақсадҳои СБҲМ 9

Ғ1 Агар давраи аввалин ҳисоботи корхона тибқи СБҲМ то 1 январи соли 2019 оғоз шавад ва корхона нашри ниҳоии СБҲМ 9-ро (соли 2014 нашр шудааст) татбиқ намояд, дар ин бора зарурат вуҷуд надорад, ки маълумоти муқоисавии ҳисоботи аввалини молиявии корхона тибқи СБҲМ бо СБҲМ 7 *«Воситаҳои молиявӣ: ифшо»* ё нашри ниҳоии СБҲМ 9 (соли 2014 нашр шудааст) мувофиқат намояд, дар он сурат, агар маълумоти тибқи СБҲМ 7 ифшогардида ба ҷузъҳои доираи татбиқи СБҲМ 9 дахл дошта бошад. Барои чунин корхонаҳо танҳо дар матни СБҲМ 7 ва СБҲМ 9 истинод ба «санаи гузариш ба СБҲМ» маънои оғози давраи ҳисоботи аввалин тибқи СБҲМ-ро дар назар дорад.

Ғ2 Корхонае, ки дар соли аввали гузариш ба СБҲМ пешниҳод намудани иттилооти муқоисавиро интихоб менамояд, ки ба талаботи СБҲМ 7 ва СБҲМ ниҳоии 9 (соли 2014 нашр шудааст) мувофиқат намекунад, бояд:

(а) нисбат ба маълумоти муқоисавӣ дар бораи моддаҳои ба доираи СБҲМ 9 алоқаманд, на ба талаботи СБҲМ 9, балки талаботи дар ПУБМ қаблӣ пешнибнишударо татбиқ намояд;

(б) ин далелро якҷоя бо асосе, ки барои тайёр намудани ин маълумот истифода шудааст, ифшо намояд;

(в) ба эътибор гирад, ки тасҳеҳи нишондиҳандаҳои ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ байни санаи ҳисоботии давраи муқоисавӣ (яъне ҳисоботи ҳолати молиявӣ, ки дорои маълумоти муқоисавӣ мебошад, ки тибқи ПУБМ қаблан татбиқ шудааст) ва санаи *оғози ҳисоботи якуми СБҲМ давра* (яъне давраи аввал, ки дорои иттилооте мебошад, ки ба талаботи СБҲМ 7 ва нашри ниҳоии СБҲМ 9 (соли 2014 нашр шудааст) дар натиҷаи тағйирот дар сиёсати баҳисобгирӣ мувофиқат менамояд ва иттилоотеро, ки банди 28(а)-(ғ) ва (д)(i) СББМ 8 талаб менамояд, ифшо менамояд). Банди 28(д)(i) танҳо нисбат ба маблағи дар ҳисоботи ҳолати молиявӣ дар санаи ҳисоботии давраи муқоисавӣ пешниҳодшуда паҳн мегардад;

(г) банди 17(в)-и СББМ 1-ро барои пешниҳоди ифшои иловагӣ истифода намояд, вақте ки риояи талаботи мушаххаси СБҲМ барои корбарон кифоя намебошад, то ин ки таъсири амалиёти алоҳида, ҳодисаҳо ва ҳолатҳои дигари ба ҳолати молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии корхона таъсиррасонандаро дарк намоянд.

Ғ3-Ғ7 [Соқит шудаанд]

## Номуайянӣ нисбат бо қоидаҳои ҳисоб намудани андоз аз даромад

Ғ8 Корхонаи бори аввал татбиқкунандаи СБҲМ, ки то 1 июли соли 2017 ба СБҲМ мегузарад, ҳуқуқ дорад ҷиҳати инъикос накардани татбиқи Тавзеҳоти КТҲМБ 23 *«Номуайянӣ нисбати баҳисобгирии андоз аз даромад»* дар маълумоти муқоисавии ҳисоботи молиявии аввалини худ тибқи СБҲМ қарор қабул намояд. Корхонае, ки чунин қарорро қабул менамояд, бояд таъсири маҷмуии татбиқи Тавзеҳоти КТҲМБ 23-ро ба сифати тасҳеҳоти бақияи воридотии фоидаи тақсимнашуда (ё дигар ҷузъи сармояи хусусӣ, вобаста аз ҳолат) дар ибтидои давраи ҳисоботӣ тибқи СБҲМ эътироф намояд.

 © Фонди СБҲМ